ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# ТАРҲРЕЗИИ ВАЗЪИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲО ДАР ОМӮЗИШИ ФАННИ ТАЪРИХ

## Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни таърих

МОДУЛИ

3

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА
БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# МОДУЛИ 3

## ТАРҲРЕЗИИ ВАЗЪИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ
## БАРОИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲО ДАР ОМӮЗИШИ
## ФАННИ ТАЪРИХ

**Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни таърих**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-3 тасдиқ карда шудааст.

**Мурратиб:** Карам Парпишоев

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Б. Ҳайдаров, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; |
| Н. Ҳакимов, | дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. |

Модули «Тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ барои рушди салоҳиятҳо ҳангоми омӯзиши фанни таърих» ба таҳияи усулҳои инноватсионӣ ва самараноки таълим равона шудааст, ки тавассути онҳо хонандагон на танҳо донишҳои таърихиро азхуд мекунанд, балки салоҳиятҳои калидӣ, аз ҷумла тафаккури интиқодӣ, таҳлили манбаъҳои таърихӣ, қобилияти муқоиса ва арзёбӣ, тафсир ва бозсозии рӯйдодҳоро низ инкишоф медиҳанд. Модул принсипҳои тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ, намудҳои онҳо, марҳилаҳои татбиқ ва мисолҳои амалӣ, аз ҷумла машқҳои сенариявӣ, моделсозӣ ва таҳлили вазъиятҳоро дар бар мегирад.

Мақсад — фароҳам овардани муҳити фаъоли таълим, маънодор ва таҳқиқотӣ мебошад, ки дар он хонандагон ҳамчун иштирокчиёни мустақили раванди таълим амал мекунанд. Ин муносибат ба баланд бардоштани сатҳи дарки мазмуни таърихӣ, рушди малакаҳои таҳлилӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии муосир мусоидат мекунад. Модул инчунин ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки дарсҳоро бо назардошти эҳтиёҷот ва талаботи барномаи таълимӣ тарҳрезӣ намоянд.

**Мундарича**


| | | |
|---|---|---|
| | Пешгуфтор ……………………………………………………………………………… | 4 |
| 1 | Вазъияти таълимӣ ҳамчун метод ҳангоми омӯзиши фанни таърих ........................ | 5 |
| 2 | Вазъиятҳои таълимӣ бо манбаъҳои таърихӣ: аз таҳлил то тафаккури таърихӣ..... | 20 |
| 3 | Хронология ҳамчун воситаи рушди тафаккури таърихӣ ........................................ | 39 |
| 4 | Кейс-стадӣ ҳамчун шакли рушди тафаккур ва салоҳиятҳо …………….................... | 56 |
| | Адабиёт ва сарчашмаҳо.................................................................................. | 75 |

*«Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ки ояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад»*

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ПЕШГУФТОР

Дар фазои муосири маориф, таълими фанни таърих бояд аз интиқоли одии дониш гузашта, ба як раванди фарогир ва тарбиявии рушди шахсият табдил ёбад. Мақсади асосии таълими фанни таърих имрӯз на танҳо фаҳмонидани рӯйдодҳои гузашта, балки ташаккули тафаккури интиқодӣ, ҷаҳонбинӣ, маърифати шаҳрвандӣ ва дарки арзишҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад, ба омӯзгорон зарур аст, ки вазъиятҳои таълимии фарогир ва ҳавасмандкунандаро таҳия намоянд, ки тавассути онҳо хонандагон малакаҳои асри 21-ро инкишоф диҳанд.

Модули мазкур истифодаи муносибатҳои фаъолро пешниҳод мекунад, ки дар он хонандагон бо таҳлили манбаъҳои таърихӣ, муқоисаи далелҳо, сохтани сенарияҳои алтернативӣ, иштирок дар мубоҳисаҳо ва муаррифии лоиҳаҳо машғул мешаванд. Ин вазъиятҳо барои ташаккули тафаккури интиқодӣ, қобилияти гуфтугӯ, эҷодкорӣ ва кори гурӯҳӣ мусоидат мекунанд.

Кейс-стади ҳамчун шакли муассири таҳлили вазъиятҳои таърихӣ, воситаи қавии рушди малакаҳои мураккаб буда, хонандагонро водор месозад, ки дар асоси далелҳо қарор қабул кунанд, муносибатҳои сабабу натиҷаро дарк намоянд ва ба ҳалли мушкилотҳои муосир нигаронида шаванд. Ҳамин тавр, таълими фанни таърих на танҳо омили таърихшиносӣ, балки воситаи тарбияи шаҳрвандони фаъол, масъулиятшинос ва дорои диди васеи иҷтимоӣ хоҳад буд.

Модули мазкур барои такмили муҳити таълимӣ, баланд бардоштани самаранокии дарс ва инкишофи шахсиятҳои муназзам равона гардидааст, ки таърихро ҳамчун воситаи фаҳмиши равандҳои ҷомеа ва ҳалли мушкилоти воқеӣ дарк мекунанд.

# МАВЗУИ 1

## Вазъияти таълимӣ ҳамчун метод ҳангоми омӯзиши фанни таърих

**Чиро бояд донем:**

- Мафҳуми «вазъияти таълим» ва фарқи он аз супориши маъмулӣ;
- Сохтори методии вазъияти таълим: муҳтаво, мушкилот, амал, интихоб, натиҷа;
- Навъҳои вазъияти таълим (таҳлил, тафсир, интихоби душвор байни ду арзиш ва ғ.).

**Чиро бояд тавонем:**

- Шиносоии иқтидори эҷоди вазъиятҳои таълим дар маводди тайёр;
- Сохтани вазъияти таълим дар мавзуи муайян;
- Таҳияи мушкилот ва тарҳрезии фаъолиятҳои хонандагон.

**Саволҳои калидӣ барои баррасӣ:**

- Вазъияти таълимӣ аз супориши маъмулӣ бо чӣ фарқ мекунад?
- Ҳар як унсури сохтори вазъияти таълимӣ чӣ нақш дорад?
- Чаро мушкилот ва интихоб унсурҳои марказии вазъият мебошанд?
- Чӣ гуна тавассути вазъияти таълимӣ тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои далеловариро рушд додан мумкин аст?
- Бо кадом душвориҳо омӯзгор ҳангоми татбиқи вазъиятҳои таълимӣ рӯ ба рӯ мешавад?
- Чӣ гуна вазъияти таълимиро ба мавзуъ, синну сол ва сатҳи хонандагон мутобиқ кардан мумкин аст?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Моҳияти вазъияти таълим ва мақсади истифодаи он дар дарси таърихро фаҳмед.
2. Барои истифодаи вазъияти таълимӣ равиши методӣ тавсиф кунед.
3. Сохтори вазъияти таълимиро таҳлил кунед.
4. Вазъиятҳои таълимиро арзёбӣ ва такмил диҳед.

## Муқаддима

Чӣ гуна шавқи ҳақиқии хонандаро ба омӯзиши фанни таърих бедор кардан мумкин аст? Чӣ метавонад шавқи ботинӣ ва хоҳиши ҷустуҷӯи маъноро, на танҳо ба ёд гирифтани санаҳо бедор кунад?

Чаро баъзе супоришҳо дарсро фаъол мекунанд, баҳсро ба вуҷуд меоранд, тааҷҷуб меоранд, кашфиёт мекунанд, вале дигарҳо танҳо ҳамчун санҷиши дониш дар хотир мемонанд?

Дар маркази таваҷҷуҳи ин мавзуъ **вазъияти таълимӣ** қарор дорад: равише, ки имкон медиҳад дарс воқеан маънодор ва барои хонанда муҳим гардад.

Дар дарси аввал мо мефаҳмем, ки вазъияти таълимӣ чист, аз кадом унсурҳо иборат аст ва чаро он танҳо «шакли нави супориш» нест, балки мантиқи махсуси сохтани дарс мебошад. Шумо мебинед, ки чӣ гуна бо истифодаи мушкилот, интихоб ва мазмун метавон на интиқоли дониш, балки кори мустақили фикрро ташкил кард.

Дарси дуюм кори амалӣ аст. Вазъияти таълимиро «дар амал»: машқ карда фарқи онро аз супориши маъмул муайян кунем, сохторашро таҳлил намоем, нуқтаҳои заифро ошкор созем ва роҳҳои такмилашро пешниҳод кунем. Шумо тадриҷан меомӯзед ва вазъиятҳои шахсии худро тарҳрезӣ мекунед. Онҳо фаҳмо, дастрас бошанд ва воқеан хонандагонро ба таҳқиқи гузашта ҷалб кунанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Вазъияти таълим** – қисми махсус тарҳрезишудаи дарс аст, ки дар он хонанда бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, таҳлилу интихоб ва мавқеи худро асоснок мекунад. Он ба ташаккули тафаккури таърихӣ ва рушди салоҳиятҳои калидӣ равона шудааст.

**Мазмун** – чаҳорчӯбаи маъноии супориш: вазъияти таърихӣ, порчаи воқеа, манбаъ ё ҳуҷҷат, ки дар асоси он вазифаи таълимӣ сохта мешавад.

**Мушкилот** – тазод ё саволи калидӣ, ки ба манбаъ ё воқеа марбут аст. Ҷавоби як маъно надорад ва андешаро талаб мекунад.

**Амал** – қадамҳои мушаххаси хонанда дар кор бо маводди таърихӣ: таҳлили манбаъҳо, пешниҳоди фарзия, баррасӣ, далеловарӣ.

**Интихоб** – зарурати қабул кардани мавқеъ, интихоби ақидаҳои гуногун, ташаккули арзёбӣ ё хулоса.

**Натиҷа** – хулосаи фаъолияти таълимӣ: хулоса, изҳори шифоҳӣ ё хаттӣ, ҷадвали муқоисавӣ, мавқеи асоснокшуда. Он фаҳмиши амиқ ва ташаккули малакаҳои тафаккури таърихиро нишон медиҳад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Фаҳмидани** моҳияти вазъияти таълим ва **мақсади истифодаи он** дар дарси таърих.
2. **Тавсифи** муносибати методӣ барои истифодаи **вазъияти таълим.**



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***1. Се изҳорот***

**Супориш.** Ибораи «вазъияти таълим» чӣ маъно дорад? Се калима ё ибораеро нависед, ки аввал ба хотиратон меоянд.

**Шакли кор:**

- Инфродӣ (1 дақиқа).
- Баррасии дунафара: умумият ва фарқиятҳоро ёбед

***2. Дуруст ё нодуруст?***

**Инфродӣ:** Ба изҳороте, ки розӣ ҳастед, нестед ё намедонед, аломат гузоред. Ин тест нест, муҳим тахмин ва эҳсоси шахсии шумост.

| Изҳорот | Бале | Не | Намедонам |
|---|---|---|---|
| 1. Вазъияти таълим – ин супориши мураккаб аст | | | |
| 2. Дар вазъияти таълим ҳамеша мушкилот ё интихоб вуҷуд дорад | | | |
| 3. Вазъияти таълим бояд бо ҳаёти хонандагон алоқаманд бошад | | | |
| 4. Чунин вазъиятҳо танҳо барои синфҳои болоӣ мувофиқанд | | | |
| 5. Вазъияти таълим ҳамеша кори гурӯҳӣ аст | | | |

**Шакли кор:** Дар гурӯҳҳои хурд: як-ду изҳоротеро муҳокима кунед, ки ҷавобҳоятон фарқ мекунанд. Чаро?

***3. Ин вазъияти таълимӣ аст – ё не?***

**Сенария:** Омӯзгор мавзӯи «Шаҳрҳо ва савдо дар роҳи Абрешим»-ро мефаҳмонад. Баъд саволҳо медиҳад:

- Номи се шаҳреро гӯед, ки роҳ аз онҳо мегузашт.
- Савдогарон кадом молҳоро мебурданд?
- Корвонсарой чист?

**Саволҳо барои баррасӣ:**

- Оё инро метавон вазъияти таълим номид? Чаро ҳа ё не?
- Барои он ки ин вазъияти таълим шавад, чиро бояд тағйир дод?
- Нақши хонанда дар ин вазъият аз чи иборат аст: иҷрокунанда, мушоҳидчӣ, таҳқиқотчӣ?

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 3.1-ро бодиққат хонда ва фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи баҳодиҳии 3.1 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 3.1**

### 1. Нақш ва аҳамияти вазъияти таълим дар дарс

Шумо чӣ назар доред, агар хонанда дар дарси таърих на танҳо воқеаҳоро нақл кунад, балки тавонад манбаъҳоро таҳлил намояд, нуқтаи назарҳои гуногунро бинад ва мавқеи худро асоснок кунад?

Биёед мувофиқа кунем, ки ин нуқтаи ибтидоии мо ва натиҷаи дилхоҳ аст. Мо мехоҳем, ки хонанда на танҳо бидонад, ки чӣ рӯй додааст, балки дар бораи таърих ҳамчун таърихнигор фикр кунад, ҳатто дар шакли наздик ба воқеият.

**Чӣ гуна ба ин натиҷа расидан мумкин аст?**

Супоришҳои расмӣ, нақл ва тестҳо ба ин ҳадаф намерасонанд. Росташро гӯем: мураккабтар кардани супоришҳои маъмул низ натиҷаи лозимиро намедиҳад. Ба ибораи дигар, бо усулҳои кӯҳна вазифаҳои нав ҳал намешаванд.

Пас, ба мо мантиқ ва равиши дигар лозим аст. Равише, ки хонандаро ба амалҳои маърифатӣ ҷалб мекунад, маҷбур месозад, ки ҷустуҷӯ, интихоб ва асоснок кунад. Яке аз чунин равишҳо сохтани **вазъиятҳои таълим** мебошад.

Биёед як лаҳзаи дарси таърихи дунёи қадимро баррасӣ кунем, ки дар он ба хонандагон пешниҳод мешавад, ки бо ду манбаъ кор кунанд:

***Манбаъ 1. Нусхаи Миср (навиштаҷот дар маъбади Рамсеси II, Фивҳо)***

*«Ман танҳо мондам. Ягон нафар аз ҷанговарони ман дар наздам набуд. Артиши Хеттҳо маро аз ҳар тараф иҳота кард. Аммо ман, Рамсес, мисли Баал дар набард, танҳо ҷанг кардам ва душманро шикаст додам. Онҳо пеши ман меафтоданд, мисли хасҳо пеши дашна (корди тез). Ман ҳамчун ғолиб баргаштам, ва ҳамаи заминҳо аз қудрати Миср ба ларза омаданд!»*

***Манбаъ 2. Нусхаи Хеттҳо*** *(порча аз номаи дипломатии шоҳи Хеттҳо Муваталлиш).*

*«Подшоҳи бузурги Миср бо лашкари сершумор омад, то заминҳои моро тасарруф кунад. Вале ӯ бо қувваи мо рӯбарӯ шуд ва маҷбур шуд ақибнишинӣ кунад. Артиши ӯ талафоти зиёд дод. Мо сулҳ бастем, на аз тарс, балки ба хотири субот ва тартиб. Созишномаи сулҳ нишонаи хирад ва қудрати Хеттҳо гардид».*

**Ба хонандагон саволҳо пешниҳод мешаванд:**

- Фиръавн худро чӣ гуна тасвир мекунад?
- Хеттҳо чиро таъкид мекунанд?
- Ин матнҳо чӣ ҳадаф дошта метавонанд?

**Таҳлили кӯтоҳ:**

Ин воқеа вазъияти таълимӣ дар шакли комил нест, вале як қадами муҳим ба сӯйи он аст. Чӣ чиз аллакай мавҷуд аст:

1. Ду манбаи аслии таърихӣ, ки ин аллакай ҳаракат ба сӯйи кор бо маводди воқеист.
2. Супоришҳо хондани амиқро талаб мекунанд: бояд фаҳмид, ки тарафҳо чӣ гуна воқеаҳоро шарҳ медиҳад.
3. Хонандагон бо тафсир рӯ ба рӯ мешаванд, ки чӣ гуна ҳар тараф вазъиятро мебинад, гарчанде ҳанӯз бе интихоби фаъол.
4. Имкони муҳокима вуҷуд дорад, махсусан агар кори ҷуфтӣ ё гурӯҳӣ ташкил шавад.

**Чӣ чиз то ҳол ба вазъияти таълимӣ намерасад?**

Агар чор меъёр/унсури калидии вазъияти таълимиро истифода барем, натиҷа чунин аст:

| Меъёр | Оё дар мисол ҳаст? | Шарҳ |
|---|---|---|
| Муҳтаво | Қисман | Манбаъҳо ҳастанд, вале вазъияти таърихӣ ошкор нест: кай, куҷо, чаро ҷанг шудан номаълум. Ин аҳамияти матнҳоро коҳиш медиҳад |
| Мушкилот | Не (ғайриошкор) | Тазод шакл нагирифтааст. Хонанда наметавонад қарор қабул кунад, ки ба кӣ бовар кунад ва чӣ гуна ихтилофи ақидаҳоро шарҳ диҳад. Чолиши фикрӣ вуҷуд надорад |
| Амал | Қисман | Тавсиф ва таҳлили ибтидоӣ ҳаст, вале амали воқеӣ нест: интихоб, бозсозӣ, хулоса |
| Интихоб ва мавқеъ | Не | Хонанда байни ақидаҳо интихоб намекунад ва мавқеи худро асоснок намекунад, унсури калидии вазъияти таълимӣ намерасад |

Аввалин чизе, ки ба назар мерасад - **муҳтавои нокифоя** аст. Бе ин супориши таълимӣ аз воқеияти таърихӣ ҷудо мемонад. Аз ҳамин сабаб мо **маълумоти кӯтоҳи таърихӣ** ба хонанда кумак мекунад манбаъҳоро ба ҷараёни умумии воқеаҳо пайваст ва чаҳорчӯбаи дурусти таҳлилро муайян намояд.

**МАЪЛУМОТИ ТАЪРИХӢ: Ҷанги Кадеш (тақрибан соли 1274 то м.)**

**Кай ва куҷо?**

Ҷанг дар назди қалъаи Кадеш, дар соҳили рӯди Оронт (ҳудуди Сурияи муосир) рух дод. Артиши Мисрро фиръавн **Рамсес II** роҳбарӣ мекард, неруҳои Хеттҳоро шоҳ **Муваталлиш II.** Ҳар ду тараф мекӯшиданд, ки минтақаи муҳим — Сурия, бахусус роҳҳои савдоро зери назорат гиранд.

**Чӣ гуна рӯйдодҳо инкишоф ёфтанд?**

Артиши Миср бо чор дивизия ҳаракат мекард: Ра, Амон, Пта ва Сет. Онҳо дар масофаи дур аз якдигар қарор доштанд ва байни онҳо ҳамоҳангӣ набуд. Хеттҳо маккорӣ ба кор бурданд: онҳо фирориёнро махсус фиристоданд, ки мисриёнро бовар кунонанд, гӯё артиши Хеттҳо дар шимоли дур қарор дорад. Ин боиси хатои стратегии

Рамсес гардид, ӯ шитобкорона бо дивизияи Амон пеш рафт, бе он ки неруҳои асосиро интизор шавад.

Вақте ки мисриён дар назди Кадеш лагер заданд, онҳо ногаҳон аз ҷониби аробаҳои ҷангии Хеттҳо мавриди ҳамла қарор гирифтанд. Рамсес қариб танҳо бо гвардияи худ монд, вале ҳамлаи ҷавобии зудро ташкил кард, ки ба ӯ имкон дод шикасти комилро пешгирӣ намояд.



Положение сторон перед битвой у Кадеша и в ходе сражения

**Манбаъ 1. Нусхаи Миср:**

Рамсес II тавонист мавқеъро то расидани нерӯҳои ёрирасон нигоҳ дорад, ва Хеттҳо маҷбур шуданд ақибнишинӣ кунанд.

**Манбаъ 2. Нусхаи Хеттҳо:**

**Чӣ гуна анҷом ёфт?**

Натиҷа номаълум боқӣ монд. Ҳар ду тараф худро ғолиб эълон карданд. Пас аз чанд сол, Миср ва Подшоҳии Хеттҳо созишномаи сулҳ бастанд, яке аз аввалин шартномаҳои байналмилалии маълум, ки матни он дар лавҳаҳои гилин ва деворҳои маъбадҳои мисрӣ ҳифз шудааст.

Акнун, ки пеши мо тасвири пурраи рӯйдодҳо қарор дорад, метавонем ба қадами навбатӣ гузарем, баррасии он, ки чӣ гуна дар асоси он вазъияти таълимии пурра сохта мешавад. Ҳама чиз аз он вобаста аст, ки мушкилот чӣ гуна шакл мегирад ва хонандагон чӣ гуна супоришҳо мегиранд.

**Ба вуҷуд овардани вазъияти таълимӣ**

Вазъияти таълимӣ аз **гузоштани мушкилот** оғоз меёбад, савол ё душворие, ки дар хонанда шавқ ба вуҷуд меорад, ӯро водор мекунад, ки фикр кунад, муқоиса намояд, муҳокима кунад.

Дар поён шаклҳои эҳтимолии мушкилот оварда шудаанд. Ин мисолҳо барои нишон додани доираи васеъ аз воқеавӣ то арзишӣ пешниҳод шудаанд. Интихоби мушаххас ҳамеша ба омӯзгор вогузор мешавад.

| Унсур | Шаклҳои эҳтимолии татбиқ |
|---|---|
| *Мушкилот* | 1. Чӣ гуна метавон дар бораи гузашта доварӣ кард, агар манбаъҳо гуногун ҳарф зананд?<br>2. Чӣ муҳимтар аст: натиҷаи воқеии ҷанг ё он чӣ гуна дар хотираҳо боқӣ мемонад?<br>3. Чаро ҷанг яктост, вале ғолибон ду нафар?<br>4. Чаро одамон ҷанг мекунанд, агар дар охир боз сулҳ мебанданд? |

**Таваҷҷӯҳ кунед:** Мушкилот ин танҳо савол нест, балки тазодест, ки тафаккурро талаб мекунад. Он метавонад воқеавӣ, ахлоқӣ ё тафсирӣ бошад, вале муҳим он аст, ки **талаби фикррона** дошта бошад, на танҳо такрори дониш.

**Нақшбозии хонанда**

Дар ин марҳила, омӯзгор метавонад мавқеи нақшии хонандаро муайян кунад: масалан, хонанда ҳамчун солноманигори мустақил, таърихнигори таҳқиқотӣ, иштирокчии рӯйдодҳо ё муаллифи номае аз гузашта амал мекунад. Ин мавқеъ чаҳорчӯбаи дарки масъалаҳоро муайян мекунад, ҳисси ҳамбастагии шахсиро тақвият мебахшад, иштироки фаъолро таъмин карда, ба натиҷа маъно мебахшад.

**Намунаи татбиқи вазъияти таълимӣ**

**Мушкилот:** Чӣ гуна метавон дар бораи гузашта доварӣ кард, агар манбаъҳо маълумоти гуногун медиҳанд?

| Қисм | Шаклҳои эҳтимолии татбиқ |
|---|---|
| ***Амалҳои хонандагон*** | – Хондани маълумоти таърихӣ<br>– Омӯзиши ду манбаъ: нусхаи Миср ва Хеттҳо<br>– Муқоисаи услуб, далел ва ҳадафҳои ҳар як манбаъ<br>– Муҳокимаи савол: оё дар таърих «ҳақиқат» вуҷуд дорад? |
| ***Интихоб*** | – Андешаи шахсии худро шакл диҳед: кӣ ғолиб шуд ва чаро?<br>– Кадом нусха ба шумо боэътимодтар менамояд? Асоснок кунед<br>– Худро ҳамчун муаррихи бетараф тасаввур кунед: ҷангро чӣ гуна тасвир мекардед, агар ҳар ду нусхаро медонистед? |
| ***Натиҷа (хулосаи кор)*** | – Баён ё навиштаи асоснок (эссе, гузориш, мавқеъ)<br>– Ҷадвали муқоисавии «Ҷанг дар ду манбаъ чӣ гуна тасвир шудааст»<br>– Рӯнамои сабти мухтасари таърихӣ аз номи тарафи сеюм |

Чунин вазъияти таълимӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки на танҳо дар бораи рӯйдод маълумот гирад, балки ба раванди таҳлили таърихӣ ворид шавад:

Кор бо манбаъҳо, пай бурдани ихтилофҳо, ҷустуҷӯи шарҳҳо, хулосабарорӣ. Ин аст қадаме ба сӯйи он ки на такрор балки **мисли таърихнигор фикр карда** фаҳмад.

Акнун, ки дар мисол дидем, чӣ гуна унсурҳои алоҳидаи вазъияти таълимӣ аз мушкилот то натиҷа кор мекунанд, метавонем ба қадами навбатӣ гузарем. **Аз мушаххас ба умумӣ мегузарем ва баррасӣ мекунем, ки** вазъияти таълимӣ дар маҷмӯъ чӣ гуна сохта мешавад ва ҳар як унсури он дар методикаи таълими таърих чӣ нақш дорад.

## *2. АСОСИ МЕТОДӢ: СОХТОР ВА НАВЪҲОИ ВАЗЪИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ*

Тавре ки омӯзгор пай мебарад, вазъияти таълимӣ ин танҳо супориш нест, балки шакли махсуси сохташудаи фаъолияти таълимӣ мебошад. Дар маркази чунин кор **на интиқоли донишҳои тайёр**, балки **амалҳои фаъолонаи хонанда** қарор доранд: ӯ фикр мекунад, интихобу асоснок карда ба хулоса меояд.

Одатан, вазъияти таълимӣ аз **панҷ унсури ба ҳам пайваст** сохта мешавад, ки ҳар кадом дар мантиқ ва равиши таълимӣ нақши худро иҷро мекунад.

**Ҷадвали 1. Сохтори вазъияти таълимӣ**

| Компонент | Ин чист | Барои чӣ лозим аст |
|---|---|---|
| ***Муҳтаво (Контекст)*** | Тавсифи кӯтоҳи рӯйдод, ҳуҷҷат, вазъият ё тасвир, ки кор аз он оғоз меёбад. | Ҷалби таваҷҷуҳ, кумак барои ворид шудан ба мавзӯъ, эҷоди ангезаи таълимӣ. |
| ***Мушкилот*** | Савол ё тазод, ки хонанда бо он рӯ ба рӯ мешавад. | Ба андеша водор намуда, таҳқиқро тақвият мебахшад. |
| ***Амал*** | Амалҳои мушаххас: таҳлил, муқоиса, бозсозӣ, баррасӣ. | Тағйири диққат аз «чиро бояд донист» ба «чӣ гуна фаҳмидан» ва «чӣ гуна амал кардан». |
| ***Интихоб*** | Алтернативаҳо, ки миёни онҳо бояд қарор қабул кард, мавқеъро шакл дод. | Эҷоди ҳамдардӣ ва иштироки шахсӣ, рушди тафаккури интиқодӣ. |
| ***Натиҷа*** | Он чизе, ки кор ба он меорад: хулоса, далел, ҷадвал, тарҳ (схема), матн ё суханронӣ | Нишон медиҳад, ки хонанда чиро ва чӣ гуна фаҳмидааст, имкон медиҳад раванди андешаро арзёбӣ кард |

Муҳим: Ҳамаи унсурҳои вазъияти таълимӣ бояд ба таври мантиқӣ пайваст бошанд. Муҳтаво ба мушкилот мебарад, мушкилот амалро талаб мекунад, амал ба интихоби шахсӣ меорад, ва натиҷа фаҳмишро сабт мекунад.

Агар ҳатто як даста (гурӯҳ) набошад, занҷир вайрон мешавад ва вазъият ба супориши анъанавӣ табдил меёбад, ки арзиши методии худро аз даст медиҳад.

**Дар анҷом, биёед баррасӣ кунем, ки кадом навъҳои вазъиятҳои таълимӣ метавонанд дар дарсҳои таърих истифода шаванд.**

Ин ба мо имконият медиҳад, ки равшан дарк кунем, то чӣ андоза метавон усулҳои гуногуни кор бо маводи таърихиро ташкил кард. Ҳар як навъи вазъият ҷанбаҳои гуногуни тафаккури таърихиро мекушояд ва метавонад вобаста ба мавзуъ, ҳадаф ва сатҳи тайёрии хонандагон мутобиқ карда шавад.

**Ҷадвали 2. Навъҳои вазъиятҳои таълимӣ**

| Навъи вазъият | Моҳият | Мисол |
|---|---|---|
| ***Таҳлили манбаъҳо*** | Кор бо ду ё зиёда матн, ки нуқтаи назарҳои гуногунро пешниҳод мекунанд | Забткориҳои араб дар Осиёи Марказӣ: як манбаъ — арабҳо ҳамчун паҳнкунандагони ислом ва фарҳанг, дигар — ҳамчун ишғолгарон ва зулмкунандагон |
| ***Тафсир*** | Як воқеа — шарҳҳои гуногун. Бояд ақидаро интихоб ва асоснок кард | Сабабҳои сукути давлати Суғдӣ: суст шудани савдо ё фишори низомӣ. Хонандагон як ақидаро интихоб ва асоснок мекунанд |
| ***Муқоиса*** | Муқоисаи рӯйдодҳо, давраҳо, равандҳо | Модернизатсия дар давраи Сомониён ва Темуриён: фарқиятҳо дар муносибат ба фарҳанг, ҳокимият ва илм |
| ***Зиддияти ахлоқӣ*** | Муҳокимаи интихоби ахлоқӣ дар вазъияти таърихӣ | Забткории муғулҳо дар Осиёи Марказӣ: Тимурмалик бояд чӣ кор мекард, дифои Хуҷандро идома медод ё бо лашкар ақибнишинӣ мекард ва шаҳрро ба душман мегузошт? |
| ***Барқароркунӣ*** | «Зиндагӣ кардан» лаҳзаи таърихӣ, қабули қарор аз номи иштирокчӣ | Шумо — вазир дар дарбори Исмоили Сомонӣ: барои таҳкими давлат чӣ чора меандешед? |

Ин навъҳои вазъиятҳои таълимӣ ҳамаи имконотро фаро намегиранд, вале тасаввурот медиҳанд, ки чӣ гуна метавон дарсро на дар атрофи нақл, балки дар атрофи таҳлил, интихоб ва муҳокима гузаронид. Барои омӯзгор ин имкони гуногунсозии шаклҳои кор аст, барои хонанд—имкони ворид шудан ба таърих бо маъно ва иштироки шахсӣ.

## *3. ИМКОНОТ ВА МАҲДУДИЯТҲО*

Чӣ чиз аллакай равшан аст: вазъияти таълимӣ ин на як лаҳза дар охири дарс, балки шакли пурраи ташкили фаъолияти таълимӣ мебошад.

Намунаи чунин саволҳо:

- Чаро шоҳ Куруш маъбадҳои мағлубшудагонро вайрон накард?
- Азислоҳоти Амир Темур кӣ бурд кард?
- Чаро манбаъҳо дар бораи шӯриши Восеъ маълумоти мухолиф медиҳанд?

**Ин гуна саволгузорӣ раванди маърифатиро оғоз мекунад.** Баъдан амалҳо меоянд: хондани манбаъҳо, кори дукаса, ҷадвали далелҳои «тарафдор» ва «мухолиф», муҳокимаи фарзияҳо, шакл додани хулоса.

**Дар ин роҳ, махсусан дар оғоз, метавонанд душвориҳо ба миён оянд – ҳам дар сохтани худи вазъият ва ҳам дар ташкили кор.**

Муҳим аст, ки онҳоро фаҳмид ва ба назар гирифт, то равишро дуруст кард ва пеш рафт.

**Ҷадвали 3. Ғалатҳои маъмул**

| Хато | Чӣ рӯй медиҳад | Чӣ гуна метавон ислоҳ кард |
|---|---|---|
| ***Иваз кардани вазъият бо супориши мураккаб*** | Хонанда супориши вазнин, вале якнаво иҷро мекунад | Унсури номуайянӣ ва интихобро илова кунед |
| ***Мушкилот нест*** | Хонанда танҳо маводро нақл мекунад | Тазод, нуқтаи назарҳои гуногунро ворид кунед |
| ***Қадамҳои зиёд*** | Супориш диққатро гум мекунад, ҳадаф норавшан аст | Сохторро сода кунед, натиҷаро равшан нишон диҳед |
| ***Ҳамкорӣ нест*** | Хонандагон танҳо кор мекунанд, барасӣ нест | Аз кори дунафара, гурӯҳҳои хурд ва баррасиҳо истифода баред |

Кадом маҳдудиятҳо метавонанд ба миён оянд.

Вазъиятҳои таълимӣ дарсро пурмазмун ва фаъол мекунанд. Аммо ҳангоми татбиқи онҳо омӯзгорон метавонанд бо маҳдудиятҳои зерин рӯ ба рӯ шаванд:

1. **Камбуди малакаҳои методӣ**–на ҳамеша осон аст, ки мушкилоти мазмундор фикр карда шуда, занҷираи супоришҳо сохта шавад.
2. **Камбуди маводди мувофиқ**–аксари китобҳои дарсӣ танҳо далел медиҳанд, вале зиддият, интихоб ё тафсир пешниҳод намекунанд. Омӯзгор маҷбур аст мазмунро худ коркард кунад.
3. **Шакли стандартии дарс** – барнома, суръат, талабот ба натиҷаҳо имкони чандирии банақшагириро маҳдуд мекунад.
4. **Мушкилоти арзёбӣ**–андешаҳо, мавқеъҳо, муҳокимаҳои хонандагонро арзёбӣ кардан осон нест, мисли ҷавобҳои дақиқ.

**Татбиқи вазъиятҳои таълимӣ вақт ва омӯзиши марҳилавиро талаб мекунад. Чӣ метавонад кумак кунад?**

Аввалан, **мубодилаи таҷрибаҳо**, вақте ки омӯзгорон порчаҳои муваффақро ба ҳамдигар пешниҳод мекунанд.

Дуввум, **татбиқи марҳилавӣ**: аз лаҳзаҳои хурд то вазъиятҳои пурра. Сеюм, **таҳияи муштараки супоришҳо ва баррасии усулҳои методӣ**.

**Муҳим:** Ҷараёни курс ба он равона шудааст, ки шуморо дар ин гузариш дастгирӣ кунад. Дар оянда шумо дар ин ҷо ҳам **шарҳҳои методӣ** хоҳед ёфт, ҳам **лавозимотҳои тайёр**: қолабҳо, сенарияҳо, намунаҳои вазъиятҳо—ҳама чизе, ки ба шумо кӯмак мекунад, то равиши вазъиятҳои таълимиро бо эътимод ва дарк татбиқ намоед.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Вазъияти таълимӣ**—ин на танҳо супориш, балки шакли махсуси кор аст, ки дар он хонанда таҳлилу, муқоиса ва интихоб намуда мавқеи шахсии худро оид ба масъалаҳои таърихӣ шакл медиҳад.
2. **Сохтори вазъияти таълимӣ** панҷ унсури ба ҳам пайвастро дар бар мегирад: Муҳтаво, мушкилот, амалҳо, интихоб ва натиҷа. Ҳар як унсур вазифаи худро дорад ва фаъолияти фикрии хонандаро дастгирӣ мекунад.
3. **Маънии вазъияти таълимӣ дар таърих**—на дар интиқоли донишҳои «тайёр», балки дар ташкили тафаккур аст: он ба хонанда имкон медиҳад, ки рӯйдодҳои таърихиро дарк, тафсир ва арзёбӣ кунад, на танҳо онҳоро такрор намояд.
4. **Навъҳои вазъиятҳои таълимӣ** (таҳлил, тафсир, зиддият, барқароркунӣ ва ғ.) имкон медиҳанд, ки шаклҳои кор вобаста ба мавзӯи дарс ва сатҳи тайёрии хонандагон гуногун карда шаванд.
5. **Кор бо вазъиятҳои таълимӣ** салоҳиятҳои калидӣ ва малакаҳои тафаккури таърихиро рушд медиҳад: дарки контекст, таҳлили интиқодии манбаъҳо, тавоноии дидани нуқтаи назарҳои гуногун ва хулосабарории асоснок.
6. Барои **таҳияи самараноки вазъиятҳои таълимӣ** банақшагирии методӣ зарур аст: мушкилоти хуб шаклдодашуда, ворид кардани мавқеи нақшофарин, ташкили ҳамкорӣ ва инъикос.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Чӣ чиз дар мафҳуми «вазъияти таълимӣ» барои шумо нав ё ғайриинтизор буд?
2. Ба назари шумо, фарқи асосии вазъияти таълимӣ аз супориши анъанавӣ дар чӣ аст?
3. Кадом унсурҳои сохтори вазъияти таълимӣ ба назари шумо махсусан муҳиманд? Чаро?
4. Кадом душвориҳоро шумо ҳангоми татбиқи вазъиятҳои таълимӣ дар дарси худ пешбинӣ мекунед?
5. Чӣ гуна муайян мекунед, ки вазъияти таълимӣ дар дарс «кор кард»?
6. Кадом шаклҳои ҳамкорӣ (гурӯҳҳо, кори дукаса, баррасӣ) дар доираи вазъияти таълимӣ самараноктаранд – ва чаро?
7. Кадом қадамро шумо омодаед дар дарси навбатӣ анҷом диҳед, то истифодаи равиши вазъиятҳои таълимиро оғоз намоед?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳӣ 3.1

*Интихоби як ҷавоби дуруст*

1. **Фарқи асосии вазъияти таълимӣ аз супориши анъанавӣ дар чист?**
   **А)** Хонанда супоришро қатъиян аз рӯйи намуна иҷро мекунад.
   **Б)** Хонанда санаҳо ва истилоҳҳои таърихиро аз бар мекунад.
   **В)** Хонанда бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад.
   **Г)** Омӯзгор маводди навро мефаҳмонад ва саволҳо медиҳад.
   **Д)** Хонанда бо параграф аз китоб кор мекунад.

2. **Кадом унсур ҳатман ба вазъияти таълимӣ дохил мешавад?**
   **А)** Санҷиши донишҳо оид ба хронология.
   **Б)** Инфиродӣ иҷро намудани машқ.
   **В)** Муҳтаво, ки бо рӯйдоди таърихӣ алоқаманд аст.
   **Г)** Супориш бо як ҷавоби дуруст.
   **Д)** Ҷавобҳо ба саволҳо аз руйи китоб.

3. **Шарти ҳатмии вазъияти таълимӣ чист?**
   **А)** Санҷиши донишҳо пас аз анҷоми мавзуъ.
   **Б)** Мушкилот, ки интихоби маърифатиро талаб мекунад.
   **В)** Дастури дақиқ, ки чиро бояд аз бар кард.
   **Г)** Рӯнамои омӯзгор ва нақли шифоҳӣ.
   **Д)** Нишон додани ақидаи дурусти рӯйдодҳо.

4. **Барои чӣ дар вазъияти таълимӣ контекст истифода мешавад?**
   **А)** Барои санҷидани донишҳо аз мавзӯи гузашта.
   **Б)** Барои нишон додани намунаи ҷавоби дуруст.
   **В)** Барои ҷалби таваҷҷуҳ ва ворид шудан ба моҳияти мушкилот.
   **Г)** Барои тезонидани суръати дарс.
   **Д)** Барои иваз кардани шарҳи омӯзгор.

5. **Хонанда дар вазъияти таълимӣ чӣ нақш дошта метавонад?**
   **А)** Танҳо шунаванда ё мушоҳидагар.
   **Б)** Танҳо имтиҳоншаванда ё санҷишгар.
   **В)** Таърихнигор, муаррих, иштирокчии рӯйдодҳо.
   **Г)** Ёвари техникии омӯзгор.
   **Д)** Саволдиҳанда ба хонандаи дигар.

6. **Кадом натиҷаро бештар аз вазъияти таълимӣ интизор шудан мумкин аст?**
   **А)** Тартиб додани ҷадвал бо далелҳо ва хронология.
   **Б)** Такрори дурусти санаҳо ва рӯйдодҳо.
   **В)** Мавқеи асоснок, муҳокима.
   **Г)** Иҷрои кори хонагӣ.
   **Д)** Нақли дурусти параграфи китоб.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

**1. Таҳлил кардани** сохтори вазъияти таълимӣ.

**2. Арзёбӣ ва такмил** додани вазъиятҳои таълимӣ.



### ДАРСИ АМАЛӢ: ТАҲЛИЛ ВА БЕХТАР НАМУДАНИ ВАЗЪИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ

**Дарси амалии 1. Шинохти вазъияти таълимӣ**

**Ҳадаф:** Фарқ кардани вазъияти таълимӣ аз супориши анъанавӣ. **Шакли кор:** Кор дунафарӣ.

- Матни кӯтоҳи ду вазъиятро хонед. Кадоме аз онҳо бештар ба вазъияти таълимӣ монанд аст? Бо истифода аз чек-лист арзёбӣ кунед.

---

**Вазъияти А**

Ба хонандагон пешниҳод мешавад, ки матни кӯтоҳи китобро дар бораи сохтмони канали ба номи Ленин дар солҳои 1936–1940 хонанд. Дар он гуфта мешавад, ки канал ба объекти муҳими обёрӣ табдил ёфт ва заминҳои водии Вахшро обёрӣ кард.

**Супориш:**

– муайян кунед, ки сохтмони канал чӣ ҳадафҳо дошт;
– сохтмон кай оғоз ва кай анҷом ёфт?
– натиҷаҳои сохтмонро номбар кунед.

---

**Вазъияти В**

Ба хонандагон пешниҳод мешавад, ки манбаъҳоро хонанд:

1. Матн аз китоб дар бораи сохтмони канал;
2. Порча аз мақолаи рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон» соли 1939 дар бораи аҳамияти сохтмон;
3. Порчаҳо аз ёддоштҳои шифоҳии сокинони деҳоти водии Вахш, ҷамъоваришуда дар соли 1983.

Маводҳо қаҳрамонии сохтмончиён, дастовардҳои панҷсола ва шароити душвори кор, камбуди техника ва сафарбаркунии деҳқононро таъкид мекунанд.

**Супориш:**

– далелҳо, таъсирҳо, забон ва ҳадафҳои нашрияҳоро муқоиса кунед;
– далелҳо оред: оё ба даст овардани манфиати умумӣ бе қурбонии шахсӣ имконпазир аст?
– Ҷадвали «Муқоисаи ақидаҳо»-ро тартиб диҳед.

---

**Варақаи санҷишӣ: вазъияти таълимист  ё не?**

Бо аломатгузорӣ нишон диҳед, ки кадом нишонаҳо дар супориш мавҷуданд:

| Нишона | Оё ҳаст? |
|---|---|
| 1. Ҳикоя / контекст вуҷуд дорад | ☐ |
| 2. Саволи проблемавӣ мавҷуд аст | ☐ |
| 3. Номуайянӣ ё зиддият вуҷуд дорад | ☐ |
| 4. Хонанда бояд таҳлил кунад, на танҳо ба ёд орад | ☐ |
| 5. Имкони интихоби шахсӣ ё мавқеъгирӣ вуҷуд дорад | ☐ |
| 6. Натиҷа вуҷуд дорад – маҳсул, хулоса, ҳал | ☐ |
| 7. Вазъият ба мавзӯи дарс ва раванди таълимӣ пайваст аст | ☐ |

**Хулоса:** агар 4 ё бештар нишона қайд шуда бошад, шумо бо вазъияти таълимӣ рӯ ба рӯ мебошад.

**Дарси амалии 2. Таҳлили сохтор**

**Ҳадаф:** омӯхтани он ки вазъияти таълимӣ аз кадом унсурҳо иборат аст ва чӣ гуна онҳо бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд.

**Супориш барои гурӯҳҳо:**

Матни вазъиятро хонед, ҷадвалро пур кунед ва баррасӣ намоед:

- Оё ҳамаи қисмҳо равшан ифода ёфтаанд?
- Чиро метавон илова ё дақиқ кард?

**Тавсифи вазъияти таълимӣ**

***Мавзуъ:*** *Ислоҳоти Амир Темур – синфи 8*

Ба хонандагон ду порчаи матн пешниҳод мешавад:

1. Порча аз хроникаи расмӣ – манбаъ (асри XV), ки дар он ислоҳоти Амир Темур ҳамчун таҳкими тартибот, беҳбуди артиши миллӣ ва рушди ҳунармандӣ тасвир мешавад.
2. Мақолаи таърихии муосир, ки дар он таъкид мешавад, ки ислоҳот ба марказонидани ҳокимият ва фишор ба элита (гурӯҳи бонуфуз) - и маҳаллӣ равона шуда буданд.

**Саволи проблемавӣ:**

*Кӣ аз ислоҳоти Амир Темур фоида гирифт?*

**Амалҳои хонандагон:**

- Мавқеи солноманавис ва таърихнигори муосирро муқоиса мекунанд;
- Сабабҳои ихтилофи назарҳоро муҳокима мекунанд;
- Интихоб мекунанд: кадом тафсир боэътимодтар менамояд ва чаро?
- Аз номи солноманавис, ки сиёсати Темурро аз мавқеи замони худ арзёбӣ мекунад, эссеи кӯтоҳ менависанд.

**Ҷадвал: қисмҳо дар вазъият**

| Компонент | Чӣ гуна дар вазъият ифода ёфтааст |
|---|---|
| ***Муҳтаво*** | |
| ***Мушкилот*** | |
| ***Амалҳо*** | |
| ***Интихоб*** | |
| ***Натиҷа*** | |

**Саволҳо барои баррасӣ дар гурӯҳ:**

- Ҳар як қисм дар мантиқ ва сохтори вазъияти таълимӣ чӣ гуна мавқеъ дорад?
- Оё унсури заиф вуҷуд дорад? Чиро илова ё тақвият додан мумкин аст?
- Чӣ гуна ин вазъиятро барои синфҳои гуногун мутобиқ кардан мумкин аст?

**Дарси амалии 3. Ислоҳ ва такмил**

**Ҳадаф:** Дарк кардани он ки кадом унсурҳо дар супориш намерасанд, то он ба вазъияти таълимӣ табдил ёбад ва ташаккули қобилияти такмил додани он.

**Супориш барои гурӯҳҳо:**

1. Тавсифи вазъияти таълимиро хонед.
2. Муайян кунед, ки кадом унсурҳои вазъияти таълимӣ дар он намерасанд.
3. Ҷадвали таҳлилро пур кунед ва версияи такмилёфтаро пешниҳод намоед.

**Тавсифи вазъияти таълимӣ**

***Мавзуъ:*** Давлати Ҳахоманишиён. Забткориҳои Куруши Кабир – синфи 5

Параграфи китобро дар бораи забти Бобил аз ҷониби шоҳ Куруш хонед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Воқеа дар кадом сол рух дод?
2. Кадом заминҳо ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил шуданд?
3. Чаро Куруш маъбадҳои мағлубшудагонро вайрон накард?

**Саволҳо барои таҳлил:**

- Оё **муҳтаво** вуҷуд дорад, ки хонанда вазъиятро бинад, на танҳо далелро?
- Оё **мушкилот** бо ҷавоби номуайян мавҷуд аст?
- Оё **амалҳо**е ворид шудаанд, ки таҳлил ё баррасиро талаб мекунанд?
- Оё **интихоби** шахсӣ ё зарурати мавқеъгирӣ вуҷуд дорад?
- Оё мушаххас аст, ки **натиҷа** чӣ гуна бояд бошад?

**Ҷадвали таҳлил**

| Компонент | Ҳаст/нест | Чиро илова ё тағйир додан лозим аст |
|---|---|---|
| ***Мазмун*** | | |
| ***Мушкилот*** | | |
| ***Амалҳо*** | | |
| ***Интихоб*** | | |
| ***Натиҷа*** | | |

**Саволҳои барои робитаи мутақобила:**

1. Кадом унсурҳои вазъияти таълимӣ дар намунаи аввал суст ифода ёфта буданд?
2. Чӣ тағйир ёфт, вақте ки мушкилот ва интихоб илова шуданд?
3. То чӣ андоза барои ислоҳ кардани супориш душвор ё осон буд?

# МАВЗУИ 2

## Вазиятҳои таълимӣ бо манбаъҳои таърихӣ: аз таҳлил то тафаккури таърихӣ

**Чиро бояд донем:**

- Манбаъҳои таърихӣ ин «ҳақиқати тайёр» нестанд, балки инъикоси мавқеи муаллиф ва мазмуни замон мебошанд.
- Навъҳои манбаъҳо фарқ мекунанд (ҳуҷҷатҳо, ёддоштҳо, тасвирҳо ва ғ.) ва барои кор бо онҳо навъҳои гуногуни саволҳо лозиманд.
- Усулҳои асосии кор: муқоиса, хондан бо саволҳо, бозсозӣ ва тафсир.
- Вазъияти таълимӣ тамоми давраи кор бо манбаъро муайян мекунад.

**Чиро бояд тавонем:**

- Пеш аз хондан саволҳо ба манбаъҳо шакл додан.
- Муайян кардани муҳимтарин ва муқоисаи мавқеъҳо.
- Барқароркунии ҷузъиёти рӯйдодҳо аз рӯйи номаҳо, аксҳо, ёддоштҳо.
- Тафсири мазмун ва контекст.
- Истифодаи захираҳои рақамӣ барои интихоб ва ташкили манбаъҳо.
- Алоқаманд кардани манбаъҳо ба сохтори вазъияти таълимӣ.

**Саволҳои калидӣ барои баррасӣ:**

- Навъҳои манбаъҳо дар чӣ фарқ мекунанд ва арзиши онҳо барои дарс чӣ гуна аст?
- Равишҳо чӣ гуна ба ҳам алоқаманданд: муқоиса, барқароркунӣ, тафсир?
- Кадом душвориҳо метавонанд ҳангоми кор бо манбаъҳо ба миён оянд?
- Бойгониҳои рақамӣ имкониятҳои омӯзгорро чӣ гуна васеъ мекунанд?
- Барои чӣ кор бо манбаъҳоро маҳз дар шакли вазъияти таълимӣ сохтан лозим аст?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Навъҳои асосии манбаъҳои таърихӣ ва хусусиятҳои онҳоро **номбар кунед**.
2. Муносибатҳои кор бо манбаъҳо: муқоиса, хондан бо саволҳо, бозсозӣ ва тафсирро тавсиф кунед.
3. Саволҳо ба манбаъҳо вобаста ба навъи онҳо ва ҳадафи таълимиро **таҳия кунед**.
4. Усулҳои таҳлили манбаъҳо дар доираи вазъияти таълимиро **истифода кунед**.

## Муқаддима

Таърих худ ба худ вуҷуд надорад, мо онро тавассути манбаъҳо мешиносем: ҳуҷҷатҳо, номаҳо, ёддоштҳо, аксҳо, карикатураҳо. Ҳар як манбаъ на танҳо далелҳоро, балки нуқтаи назар, эҳсосот ва муҳтавои замонро дар худ нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, кор бо манбаъҳои калиди фаҳмиши гузашта ва ташаккули тафаккури таърихии хонандагон мебошад.

Дар дарси аввал мо баррасӣ мекунем, ки кадом навъҳои манбаъҳо вуҷуд доранд ва бо кадом усулҳо метавон бо онҳо кор кард. Шумо меомӯзед, ки чӣ гуна ба матнҳо ва тасвирҳо саволҳо медиҳед, то дар онҳо бештар аз танҳо маълумотро бинед.

Дар дарси дуюм, дар шакли дарси амалӣ, шумо худро дар нақши хонандагон месанҷед: бо номаҳо, карикатураҳо, акс ва муқоисаи мавқеъҳо кор мекунед. Ин ба шумо даст медиҳад, ки имконот ва душвориҳои кор бо манбаъҳоро аз таҷрибаи шахсӣ эҳсос намоед, ки чӣ гуна онҳоро ба асоси вазъияти таълимӣ табдил додан мумкин аст.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Манбаи таърихӣ** – ҳар гуна гувоҳии гузашта (матн, ҳуҷҷат, тасвир, ашё, ёддошти шифоҳӣ), ки ба таҳқиқгар имкон медиҳад рӯйдод, андеша ва зиндагии одамони он давраро омӯзад.

**Муқоисаи манбаъҳо** – кор бо якчанд ҳуҷҷат дар як мавзуъ, ки имкон медиҳад фарқиятҳоро дар мавқеъ, далел ва тафсирҳо дид ва тафаккури интиқодиро рушд дод.

**Хондани манбаъ бо саволҳо** – усули методӣ, ки дар он ба ҳуҷҷат пешакӣ саволҳо шакл дода мешаванд; ин ба хонанда кумак мекунад, ки маъноро дарк кунад, муҳимро ҷудо ва барои баррасӣ омода шавад.

**Бозсозӣ** – барқарор кардани ҷузъиёти рӯйдод ё вазъияти таърихӣ дар асоси манбаъҳо (масалан, тарзи зиндагӣ, андешаҳо ё раванди рӯйдодҳо).

**Тафсир** – шарҳи маънии манбаъ, муайян кардани мавқеи муаллиф ва дарки он, ки муҳтаво ба мазмун чӣ гуна таъсир мерасонад.

**Манбаи «шӯх»** – ҳуҷҷате бо иттилооти зиёдатӣ, эҳсосот ё ҷузъиёти зиёд мавҷуд аст, ки барои омӯзиши ҷудо кардани муҳимияти мазмун истифода мешавад.

**Бойгониҳои рақамӣ** – базаҳои электронии ҳуҷҷатҳо, тасвир ва гувоҳиҳо, ки имкон медиҳанд нусхаҳои маводи таърихиро дар амалияи таълим истифода барем.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. Навъҳои асосии манбаъҳои таърихӣ ва хусусиятҳои онҳоро номбар кардан.
2. Тавсиф кардани муносибатҳои кор бо манбаъҳо: муқоиса, хондан бо саволҳо, барқароркунӣ, тафсир.



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Дуруст ё нодуруст?**

Нишон диҳед, бо кадом изҳорот розиед ва бо кадом не.

➩ **Шакли кор:** инфиродӣ, сипас муҳокима дар гурӯҳ.

| № | Изҳорот | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|
| 1 | Манбаи таърихӣ — ин танҳо ҳуҷҷатҳои хаттӣ мебошанд | ☐ | ☐ |
| 2 | Аксҳо ва ёддоштҳои шифоҳӣ наметавонанд манбаъ бошанд | ☐ | ☐ |
| 3 | Манбаъ метавонад ҳам далел ва ҳам арзёбиҳоро дар бар гирад | ☐ | ☐ |
| 4 | Манбаъҳо дар аксар ҳолатҳо объективианд ва метавонанд дар дарс истифода шаванд | ☐ | ☐ |
| 5 | Ёддоштҳои шахсии иштирокчиёни рӯйдодҳо арзишмандтар аз ҳуҷҷатҳои расмӣ мебошанд | ☐ | ☐ |
| 6 | Агар манбаъ ба китоб мухолиф бошад, бояд ба китоб эътимод кард | ☐ | ☐ |
| 7 | Ҳар қадар ҷузъиёти бештар дошта бошад, манбаъ боэътимодтар аст | ☐ | ☐ |
| 8 | Нусхаҳои рақамии манбаъҳо метавонанд пурра ҷойгузини кор бо асли онҳо бошанд | ☐ | ☐ |

**2. Таснифи манбаъҳо**

**Супориш:** Намунаҳои пешниҳодшударо дар ҷадвали «Бештар ҳа” / Бештар не» ҷойгир кунед: кадомашро метавон манбаи таърихӣ ҳисоб кард, кадомаш шубҳаовар аст? Интихоби худро асоснок кунед.

➩ **Шакли кор:** дар ҷуфтҳо

**Намунаҳои манбаъҳо:** қонун, ёддошти собиқадор, мақолаи рӯзнома, осори бостоншиносӣ, романи бадей дар бораи ҷанг, плакати таблиғотии асри XX, афсона, суруди халқӣ, китоби дарсии таърих, протоколи маҷлис, харитаи давлат, ки дар асри XVIII тартиб дода шудааст, карикатура, ривояти шифоҳӣ, акс.

| Бештар ҳа | Бештар не |
|---|---|
| | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 3.2-ро бодиққат хонда сипас бо истифода аз варақаи баҳодиҳии 3.2 фаҳмиши худро арзёбӣ кунед**

**Варақаи иттилоотии 3.2.**

### *1. Кор бо манбаъҳои таърихӣ: навъҳо ва муносибатҳо*

Тафаккури таърихӣ бе муроҷиат ба манбаъҳо ғайриимкон аст. Маҳз онҳо имкон медиҳанд, ки «гузаштаро» бо чашми одамони он давра бубинем. Барои сатҳи мактабӣ манбаъҳо ҳамеша мутобиқ карда мешаванд — ин на танҳо ҳуҷҷатҳо, балки гуногунтарин гувоҳиҳо мебошанд:

- **Матнҳо:** солномаҳо, хроникаҳо, номаҳо, ёддоштҳо, мақолаҳои рӯзномавӣ;
- **Ҳуҷҷатҳои расмӣ:** қонунҳо, шартномаҳо, фармонҳо;
- **Тасвирҳо:** расмҳо, гравюраҳо, харитаҳо, плакатҳо, карикатураҳо, аксҳо;
- **Ашёи фарҳанги моддӣ:** меъморӣ, тангаҳо, ашёи рӯзгор;
- **Гувоҳии шифоҳӣ:** афсонаҳо, сурудҳо, ёддоштҳо.

Муҳим ба таъкид кардан: манбаъ — ин «ҳақиқати тайёр» нест, балки назари шахс ё гурӯҳи муайян аст. Он ҳамеша мавқеъ, ҳадаф ва мухтаворо дар бар мегирад. Аз ин рӯ, кор бо манбаъ ин на нақли мазмун, балки маҳорати додани саволҳо мебошад: кӣ муаллиф аст, кай матн ё тасвир эҷод шудааст, бо кадом ҳадаф ва ба кӣ равона шудааст?

Масалан, карикатура дар бораи Империяи Британия на танҳо рӯйдодро, балки мавқеи гурӯҳҳо ё давлатҳои муайянро нисбат ба сиёсати мустамликадории он инъикос мекунад. Тафсири чунин тасвирҳо аз интиқод ва ҳаҷв то таблиғот метавонад гуногун бошад.

***Мавзуъ: «Кашфиётҳои бузурги географӣ» – синфи*** *7.* **Маълумоти таърихӣ**

Дар миёнаи асри XV шарқии баҳри Миёназамин ба таври шадид тағйир ёфт. Соли 1453 усмониҳо Константинополро ишғол карданд ва Империяи Византия аз байн рафт. Ҳамзамон бо ин, роҳҳои муҳими тиҷоратие, ки Аврупоро бо Ҳиндустон ва Осиёи Шарқӣ мепайвастанд, зери назорати Империяи Усмонӣ қарор гирифтанд. Дастрасӣ ба маводди шарқӣ — аз қабили атр, абрешим ва дигар молҳо — душвор ва гарон шуд.

Давлатҳои аврупоӣ дар назди интихоби душвор қарор гирифтанд: ё аз ин молҳои нодир даст кашанд, ё роҳҳои дигарро ҷустуҷӯ кунанд. Маҳз дар ҳамин давра имкониятҳои техникии нав пайдо шуданд — компас, астролябия (асбоби астрономӣ) ва киштиҳои такмилёфта.

Манфиатҳои иқтисодӣ, рақобати сиёсӣ ва ниёз ба канорагирӣ аз мустамликаҳои усмонӣ, португалиҳо ва испаниҳоро ба ҷустуҷӯйи роҳҳои баҳрӣ ба Ҳиндустон ва берун аз он водор сохт.

Ҳамин тавр, давраи Кашфиётҳои бузурги географӣ оғоз ёфт, ки харитаи ҷаҳонро дигаргун сохт.

Маълумоти таърихӣ чаҳорчӯбаро барои дарк фароҳам меорад, аммо худ ба худ вазъияти таълимӣ эҷод намекунад. То ки маълумот нуқтаи оғоз гардад, онро бояд бо саволҳои кушода идома дод:

- ***Чаро кашфиётҳое, ки дар замонҳои гуногун анҷом ёфтаанд, як давра номида мешаванд?***
- ***Кадомаш муҳимтар аст: худи воқеаи кашф ё он ки чӣ гуна он ҷараёни минбаъдаи таърихро тағйир дод?***
- ***Чаро мо инро «кашф» меномем, дар ҳоле ки заминҳо ва халқҳо қаблан вуҷуд доштанд?***

Маҳз чунин саволҳо майдони мушкилотро муайян мекунанд: диққатро ҷалб менамоянд, шавқро бедор мекунанд ва ба андешаронӣ водор месозанд. Аз ҳамин лаҳза вазъияти таълимӣ оғоз меёбад.

Саволҳои кушода ду вазифа доранд. Аввалан, онҳо асоси муҳокимаи кӯтоҳ мешаванд, ки пас аз шиносоӣ бо маълумоти таърихӣ сурат мегирад. Дуюм, ба онҳо бояд дертар баргашт, вақте ки натиҷаҳои аввалини кор пайдо мешаванд. Ҳамин тавр, онҳо оғоз ва анҷоми вазъияти таълимиро мепайванданд ва онро яклухттар мегардонанд.

**Супориш барои гурӯҳҳо:**

Бо истифода аз китоб ва харитаҳои сафарҳо, ҷадвали хронологии кашфиётҳои географиро тартиб диҳед:

| № | Номи кашфкунанда | Сана | Кашфи географӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Васко да Гама | 1497–1498 | Роҳи баҳриро аз Аврупо ба Ҳиндустон кашф кард |
| 2 | … | | |
| 3 | … | | |
| | | | |

Ҷадвали пуршудаи хронологӣ аллакай як натиҷаи муҳим аст: хонандагон тасаввурот дар бораи пайдарпайии кашфиётҳо пайдо мекунанд, номҳо ва санаҳоро мутобиқ мекунанд.

Аммо вазъияти таълимӣ дар ин ҷо анҷом намеёбад. Қадами навбатӣ – супориши нав:

«Тасаввур кунед, ки шумо таърихшиносед. Вазифаи шумо – шарҳ додани он аст, ки кадом кашфиётҳо нуқтаи гардиш буданд ва чаро маҳз онҳо ҷараёни таърихро тағйир доданд».

Ин гардиш корро аз сабти далелҳо ба сӯйи дарки маъно ва арзёбии аҳаммият мебарад. Дар ин марҳила дар синф муҳокимаи кӯтоҳ баргузор мешавад: гурӯҳҳо кашфиётҳоро ном мебаранд, ки ба назари онҳо муҳимтаринанд ва интихоби худро шарҳ медиҳанд. Ин кофист, то натиҷаи дарс ҷамъбаст шавад ва ба супориши хонагӣ гузарем.

**Супориши хонагӣ**

Дар китоб шумо танҳо номҳои чанд сафаркунандаи давраи Кашфиётҳои бузурги географиро мебинед. Аммо дар асл онҳо хеле бештар буданд.

1. Бо истифода аз манбаъҳои дигар (китобҳо, энсиклопедияҳо, манбаъҳои интернетӣ) ҳадди ақал се кашфкунандаи дигарро пайдо кунед ва ба ҷадвали хронологӣ илова намоед.
2. Ҷадвали радбандӣ тартиб диҳед: «Кашфи хеле муҳим» — «Муҳим» — «Муфид».
3. Интихоби худро шарҳ диҳед: чаро маҳз ҳамин кашфиётҳоро ҷудо кардед.

**Шарҳи методӣ**

1. Ин нақшаи дарс ба тарзи қадам ба қадам нест, балки намунаест, ки чӣ гуна кор бо хронология метавонад тавассути вазъияти таълимӣ ташкил карда шавад. Дар ин ҷо муҳим аст, ки маҷмӯи унсурҳо мавҷуд бошанд: онҳо майдони мушкилотро эҷод карда, нақши хонандаро муайян месозанд ва ӯро ба иҷрои амал водор менамоянд.
2. Ҷадвали хронологӣ — аввалин натиҷа аст: хонандагон пайдарпайии кашфиётҳо, номҳо ва санаҳоро мебинанд. Аммо ҳамзамон, ҷадвал ҳамчун такягоҳ барои андешаронӣ хизмат мекунад, ки имкон медиҳад аз сабти далелҳо ба сӯйи тафсир ва арзёбӣ гузарем.
3. Супориши хонагӣ вазъияти таълимиро васеъ мекунад: хонандагон кашфкунандагони навро меҷӯянд, ба манбаъҳои иловагӣ муроҷиат мекунанд ва дараҷабандии кашфиётҳоро анҷом медиҳанд. Ин қадам кори онҳоро ба сатҳи таҳқиқотӣ мебарад ва малакаи ҷустуҷӯйи мустақили иттилоотро ташаккул медиҳад.
4. Дар натиҷа маҷмӯи малакаҳо ташаккул меёбанд: саводи хронологӣ, тафаккури таърихӣ, далеловарӣ ва кор бо манбаъҳо. Ҳамаи ин салоҳиятҳои калидиро рушд дода кори таълимиро амалӣ мегардонад.

Вазъияти таълимӣ на ҳамеша бояд мураккаб ва бисёрқабата бошад. Гоҳе як манбаи кӯтоҳ, масалан порчае аз рӯзнома ва чанд савол ба он кофист. Шакли фишурда имкон медиҳад, ки диққат ба хронология равона гардад, ба ҷузъиёти муҳим таваҷҷуҳ шавад ва унсури вазифаи таҳқиқотӣ, тафсир ва арзёбии матн аз ҷониби хонанда илова гардад.

***Вазъияти таълимии 2***
**Мавзӯъ:** ***«Кашфиётҳои бузурги географӣ» – синфи 7***

**Навиштаҷот аз рӯзномаи узви экспедитсия гирифта шудааст (барқароркунӣ)**

*«Имрӯз мо боз ба заминҳое қадам гузоштем, ки се сол пеш адмирал Христофор Колумб бори аввал флоти худро ба он ҷо оварда буд. Номи ӯ дар ин ҷо бо эҳтиром садо медиҳад ва тамоми Қитъаи Қадим то ҳол дар бораи кашфиёти ӯ ҳарф мезанад.*

*Аммо акнун роҳи мо дигар аст: мо бо ҳабдаҳ киштӣ ва шумораи зиёди одамон — муҳоҷирон, сарбозон, рӯҳониён ба баҳр баромадем. Ҳафтаҳои тӯлонӣ дар уқёнус бо тӯфонҳо ва шамолҳои сахт ҳамроҳ буданд, бисёриҳо бемор шуданд, ва ҳар рӯз мисли як озмоиш менамуд.*

*Мо ба ҷазираҳое расидем, ки онҳоро Доминика ва Гваделупа номидем ва баъдан соҳилҳои навро дидем, ки баъдтар Пуэрто-Рико ном хоҳанд гирифт. Дар баъзе ҷазираҳо мардуми маҳаллӣ моро бо осоиштагӣ пешвоз мегиранд, дар дигар ҷойҳо — душманӣ ва беэътимодӣ. Мо қалъаҳо месозем, аввалин маҳалҳои зистро таъсис медиҳем ва дар ҷустуҷӯйи тилло, атр ва заминҳои нав ҳастем.»*

*Чунин ба назар мерасад, ки мо танҳо ба фаҳмидани он шурӯъ карда истодаем, ки ҷаҳон дар он тарафи уқёнус то чӣ андоза бузург аст ва то ҳол боз чӣ қадар чизҳоро кашф кардан лозим аст."*

**Супориш:**

1. Муайян намоед, ки дар бораи кадом рӯйдод сухан меравад ва он ба кадом сол рост меояд, агар сафарҳои аввалини Колумб соли 1492 сурат гирифта бошад.
2. Ин рӯйдодро бо дигар кашфиётҳои бузурги географӣ муқоиса кунед. Онҳоро дар тартиби дурусти хронологӣ ҷойгир намоед:
   - сафарҳои даврии Магеллан;
   - кашфи Амрико аз ҷониби Колумб;
   - сафарҳои Васко да Гама ба Ҳиндустон;
   - сафари дуюми Колумб.
3. Шарҳи кӯтоҳ нависед (4–5 ҷумла), ки аҳамияти кашфиётҳои навро барои он давра нишон диҳад. Дар ҷавоби худ як ё ду иқтибос аз рӯзнома истифода баред, то нишон диҳед, ки иштирокчиёни экспедитсия рӯйдодҳоро чӣ гуна дарк мекарданд.

**Натиҷа:**

- Тартиби дурусти хронологии рӯйдодҳо бо нишон додани санаҳо, номҳо ва кашфиётҳо (ба шакли рӯйхат ё ҷадвал).
- Шарҳи кӯтоҳи хаттӣ (4–5 ҷумла), ки дар он хонанда аҳамияти кашфиётҳо ва хусусиятҳои давраро шарҳ медиҳад, бо такя ба як ё ду иқтибос аз рӯзнома.

**Хулоса**

Ҳар ду вазъияти таълимӣ нишон медиҳанд, ки кор бо хронология метавонад ба шаклҳои гуногун сохта шавад: аз супориши муфассал то шакли фишурда. Дар ҳолати аввал таваҷҷуҳ ба системанокӣ ва гузариши марҳилавӣ аз санаҳо ба дарки онҳо равона шудааст. Дар ҳолати дуюм — ба хондани бодиққати манбаъ ва барқарор кардани пайдарпайии рӯйдодҳо.

Ҳарду нишон медиҳанд, ки саводи хронологӣ на бо ёдгирии механикӣ, балки тавассути супоришҳои таҳқиқотӣ ташаккул меёбад, ки дар онҳо хонанда таҳлилу, муқоиса карда шарҳ медиҳад. Ин равиши кор бо хронологияро маънодор ва гуногунҷабҳа гардонида роҳҳои гуногунро барои ташаккули тафаккури таърихӣ мекушояд.

### *1.1. Усулҳои ташаккули малакаҳои хронологӣ*

Кор бо хронология метавонад аз рӯйи миқёс хеле гуногун бошад. Гоҳе мо пайдарпайии рӯйдодҳоро дар доираи чанд рӯз ё сол тартиб медиҳем, масалан, ҷараёни ҷанг ё пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ. Дар ҳолатҳои дигар, сухан дар бораи даҳсолаҳо ва асрҳо меравад — давраҳо ё равандҳои таърихӣ, ба мисли Кашфиётҳои бузурги географӣ. Ниҳоят, хронологияро метавон дар миқёси зиндагии шахси алоҳида ё як кашфиёт низ тартиб дод.

Дар ҳамаи ин ҳолатҳо сухан дар бораи миқёси гуногуни замонӣ меравад, ки онҳоро дар ҷадвали сатҳҳои хронологӣ нишон додан қулай аст.

| Сатҳ | Хусусият | Мисолҳо |
|---|---|---|
| **Микросатҳ** | Пайдарпайии рӯйдодҳо дар фосилаи кӯтоҳи вақт | Ҷараёни ҷанг, музокироти дипломатӣ, пошхӯрии ИҶШС аз рӯйи солҳо |
| **Сатҳи миёна** | Даҳсола, раванди таърихии алоҳида ё тарҷумаи ҳол | Ҷанги Бузурги Ватанӣ, «хатти зиндагии» Васко да Гама, инқилоби саноатӣ |
| **Макросатҳ** | Аср ва бештар, давраҳои бузург ва равандҳои тамаддун | Асри қадим, Асри миёна, давраи Кашфиётҳои бузурги географӣ, саноаткунонӣ |

**Ҷадвали 5. Сатҳҳои хронологӣ**

Муҳим аст, ки омӯзгор ин гуногуншаклии корро нишон диҳад: хронология танҳо рӯйхати санаҳо нест, балки воситае мебошад, ки вобаста ба вазифаи таълимӣ метавонад васеъ ё маҳдуд карда шавад. Ҳар як вазифаро метавон тавассути усулҳои гуногуни кор бо хронология ҳал кард, ҳар яке аз онҳо ба таври хос ба хонандагон кумак мекунад, ки замонро дар сохтор ва робитаҳо дарк намоянд.

Дар поён маҷмӯи чунин усулҳо оварда шудааст, ки дар асоси мавзӯи «Давраи кашфиётҳои бузурги географӣ» пешниҳод мегардад.

**1. Хатти замон (Хатти рӯйдодҳо)**

Хонандагон шкалаи уфуқии ростро барои асрҳои XV–XVI сохта дар он санаҳо ва кашфиётҳои асосиро нишон медиҳанд: сафарҳои Колумб, роҳи Васко да Гама, сафарҳои даврии Магеллан.

Барои осон кардани ёдгирӣ, шкаларо метавон бо рамзҳое ҳамроҳ кард, ки моҳияти рӯйдодҳоро инъикос мекунанд: киштӣ — сафарҳои аввалини Колумб, глобус — сафарҳои даврии Магеллан ва ғайра. Чунин рамзҳо ба «лангарҳои хотира» табдил меёбанд: онҳо рӯйдодҳоро бо тасвирҳо мепайванданд ва тавассути ассотсиасияҳо ба ёдгирии беҳтар мусоидат мекунанд.

**2. Тақвими таърихӣ**

Тақвими таърихӣ ба шакли ҷадвал ё овеза тартиб дода мешавад, ки дар он рӯйдодҳои калидии мавзуъ бо тартиби хронологӣ сабт мегарданд. Дар катакҳо санаҳо, имзои кӯтоҳ ва рамзҳои шартӣ нишон дода мешаванд. Ин усул ба нигоҳ доштани пайдарпайи ва дидани тасвири яклухт кумак мекунад. Онро ба осонӣ дар шакли интерактивӣ истифода бурдан мумкин аст: тақвимро метавон тадриҷан бо тамоми гурӯҳ пур кард ё онро ба «эстафета» табдил дод, ки дар он гурӯҳҳо навбат ба навбат рӯйдодҳоро илова мекунанд.

*Намуна (порча аз тақвим):*

| Солҳо | Рӯйдод | Рамз |
|---|---|---|
| 1492 | Колумб ба соҳилҳои Амрико расид |  |
| 1497–1498 | Васко да Гама роҳи баҳриро ба Ҳиндустон тай кард |  |
| 1500 | Кабрал дар Бразилия фуруд омад |  |
| 1519–1522 | Магеллан ва Элкано сафарҳои даврии худро анҷом доданд |  |

Чунин тақвимро метавон на танҳо бо роҳбарии омӯзгор, балки аз ҷониби худи хонандагон низ пур кард: гурӯҳҳо навбат ба навбат рӯйдодҳоро ворид мекунанд, кори якдигарро муқоиса ва такмил медиҳанд. Бо иҷрои ин супориш, раванд ба омӯзиши мутақобила табдил ёфта, ки дар он хонандагон фаъолона бо ҳамкорӣ меомӯзанд.

**3. Занҷираи мантиқии сана ва рӯйдодҳо**

Ин усул ба тартиб додани пайдарпайии сана ва рӯйдодҳои таърихӣ дар шакли занҷираи пайваста асос ёфта, ба хонандагон кумак мекунад, ки хронологияро дарк кунанд, робитаҳоро бубинанд ва ҷараёни равандҳои таърихиро фаҳманд. Занҷираҳои мантиқӣ метавонанд ба шаклҳои гуногун сохта шаванд, аммо дар асоси онҳо ҳамеша муқоисаи сана ва рӯйдодҳо меистад..

**I. Идома додани занҷира (варианти классикӣ)**

Омӯзгор санаҳоро пешниҳод мекунад:

- 1492 — Колумб Амрикоро кашф кард
- 1497–1498 — Васко да Гама ба Ҳиндустон расид
- 1519–1522 — Магеллан, аввалин сафарҳои даврии худро анҷом дод.

**Супоришҳо:** давом диҳед - кӣ баъд омад, дар кадом сол, кадом кашфиёт?

**II. Занҷираи баръакс**

Омӯзгор аз рӯйдоди охирин оғоз мекунад, масалан:

- 1519–1522 – Магеллан, сафарҳои даврии аввалин

**Супориш:** кашфиётҳои қаблиро барқарор кунед, кӣ ва кай онҳоро анҷом додааст?

**III. Занҷираи омехта (иштибоҳҳои хронологӣ)**

Омӯзгор тартиби пайдарпайеро пешниҳод мекунад, ки дар он қасдан иштибоҳ ворид шудааст: санаҳо, рӯйдодҳо ё номҳо омехта шудаанд. Супориши хонадагон – иштибоҳҳоро ёфта, тартиби дурустро барқарор кунед.

*Намунаи занҷираи омехта:*

- Магеллан – роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон
- Колумб – сафарҳои даврӣ
- Васко да Гама – кашфи Амрико

**IV. Занҷира бо холигӣ («чоҳҳо»)**

Омӯзгор занҷираи хронологиро пешниҳод мекунад, ки дар он қисме аз маълумот нест: сана, шахсият ё рӯйдод. Супориш барои хонандагон – холигиро пур карда тасвири пурраро барқарор намоед.

***Намуна:***

- 1492 – Колумб – …
- … – Васко да Гама – роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон
- 1519–1522 – … – сафарҳои даврии аввалин

Роҳҳои гуногуни сохтани занҷирҳо ба шумо имкон медиҳанд, ки на танҳо хотира, балки мантиқ, диққат ва қобилияти ислоҳ кардани хатогиҳоро низ омӯзед. Ин усулро метавон ҳамчун бозии нақшӣ ё мусобиқа истифода бурд: дастаҳо барои дидани он ки кӣ зудтар тартиботи дурустро барқарор карда метавонад ё омехтаро муайян кунад, мусобиқа мекунанд.

Дар қолаби диктанти таърихӣ омӯзгор метавонад санаҳоро номбар кунад, хонандагон рӯйдодҳоро номбар кунанд, ва ё баръакс. Бо туфайли рақобатнокӣ ва "домҳои" ғайричашмдошт кор бо хронологияҳо шавковар ва пурчушу хуруш мегардад.

Занҷирҳоро на танҳо омӯзгорон, балки худи хонандагон низ сохта метавонанд: як гурӯҳ бо камбудиҳо ё хатогиҳо супориш эҷод мекунад, гурӯҳи дигар тартиби дурустро барқарор мекунад. Ин тартиб малакаҳои омӯзиши мутақобила ва мониторинги ҳамсолонро инкишоф медиҳад.

**1. Қаторҳои хронологӣ**

Ин усул сохтани пайдарпайии рӯйдодҳоро дар бар мегирад, ки бо мавзуъ ё раванди умумӣ муттаҳид шуда, ба хонандагон кумак мекунад, ки далелҳои алоҳидаи бо ҳам мувофиқ ва алоқамандро бинанд.

**Мисол:** Марҳилаҳои азхудкунии Америка.

| Солҳо | Рӯйдодҳо |
|---|---|
| 1492 | Аввалин саёҳати обии Колумб |
| 1499 – 1502 | Саёҳати Америго Веспуччи |
| 1519 – 1521 | Забт кардани Мексика аз ҷониби Кортес |
| 1532 – 1536 | Забт кардани империи инков Писарро |

Ҷадвали вақт нишон медиҳад, ки чӣ гуна рӯйдодҳо бо ҳам "пайванд" мекунанд, то як раванди ягонаро ташкил кунанд. Онро метавонем дар ҷадвал, доираи вақт ва ё ҳамчун шакли занҷира пешниҳод намоем. Ин махсусан хангоми муқоиса кардани якчанд равандҳои таърихӣ, масалан, таҳқиқи Америка ва инкишофи роҳҳои баҳрӣ ба Ҳиндустон самарабахш мебошад.

**2. Тарҷумаи ҳоли хурд дар санаҳо**

Ин усул омӯзиши таърихро тавассути тарҷумаи ҳоли шахсиятҳои таърихӣ дар бар мегирад. Хонандагон дар асоси санаҳои асосӣ: таваллуд, рӯйдодҳои муҳим ва дастовардҳо "хатти ҳаёт" эҷод мекунанд. Ин равиш ба хонандагон имкон медиҳад, ки таърихро тавассути ҳаёти шахсони алоҳида бубинанд ва тарҷумаи ҳоли инфиродии онҳоро бо ҷадвали вақти умумӣ муқоиса кунанд.

**Мисол (давраҳои кашфиётҳои географӣ):**

Гурӯҳҳо таҳқиқотчиёни гуногунро қабул мекунанд, ба монанди Америго Веспуччи.

**Супориш:** бо истифода аз санаҳо: таваллуд, нахустин сайёҳатҳои обӣ, кашфиётҳои калидӣ, вохӯриҳои муҳим, солҳои хидмат ё сайёҳатҳо "хатти ҳаёт" эҷод кунед. Шумо инчунин метавонед далелҳои ҷолиброро дар бораи шахс дохил кунед, ба монанди маълумот, касбҳои пеш аз сафар, иштирок дар экспедитсияҳои дигар сайҳатчиён ва ғайра.

Кор бо биографияҳои хурд кумак мекунад, ки хронологияро ҳаёт бахшанд: хонандагон на танҳо санаҳо, балки роҳҳои зиндагии шахсони мушаххасро мебинанд. Сюжетҳои инфиродӣ метавонанд дар як пайдарпаии ягона муттаҳид карда шаванд, то нишон диҳад, ки сарнавишти онҳо бо равандҳои таърихӣ чӣ гуна алоқамандианд.

Хонандагон метавонанд дар сарчашмаҳои иловагӣ маълумотро ҷустуҷӯ кунанд, супоришро ба лоиҳаи кӯтоҳи таҳқиқотӣ табдил дода, доираи китоби дарсиро васеъ намоянд.

**3. «Равзанаи» хронологӣ**

Ин усул ба хонандагон як сол ё давраи мушаххасро таъин карда аз онҳо хоҳиш мекунад, ки рӯйдодҳои марбут ба он вақтро ба ёд оваранд ва номбар кунанд. Чунин усул барои нигоҳ доштани хронология ва алоқаманд кардани далелҳои алоҳида бо санаҳои мушаххас кумак мекунад.

**Мисол:**

Омӯзгор соли 1492-ро номбар мекунад ва хонандагон чунин чавоб медиҳанд: Кашфи Америка аз ҷониби Колумб. Варианти душвортар: давраҳои 1490–1500, ки дар он онҳо бояд ҳамаи кашфиётҳои даҳсоларо номбар кунанд. Баръакс низ имконпазир аст: онҳо бояд солро дар асоси рӯйдод ном гузоранд.

Ин усул хотира ва диққатро бо нигоҳ доштани унсури бозӣ тарбия мекунад. Он метавонад ҳамчун викторинаи зуд дар синф ё ҳамчун мусобиқаи хурд байни дастаҳо истифода шавад. Хонандагон метавонанд шаклҳои "равзанаи вақт"-и худро эҷод кунанд ва онҳоро ба ҳамдигар гузошта, машқро ба таҷрибаи омӯзиш табдил диҳанд.

**Ҷамъбаст**

Мо ҳама усулҳоро, бо истифода аз маводди асри кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ баррасӣ намудем, то онҳоро дар амал нишон диҳем.

Ҳоло онҳо дар як ҷадвал ҷамъбаст карда шудаанд, ки дидан ва муқоисаи равишҳои гуногунро барои кор бо ҷадвали вақт осон мекунад. Муҳим он аст, ки гуногунии вазифа ва усулҳо муҳити таълимеро ба вуҷуд меорад, ки дар он хонандагон метавонанд саволҳо диҳанд, таҷриба кунанд, худро зери шубҳа гузоранд ва ба худ ҷавоб ҷӯянд.

**Ҷадвали 6. Усулҳо барои кор бо хронология**

| Номи усул | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсади истифода |
|---|---|---|
| ***Хатти замон* (вақт)** | Шкалаи рост, ки дар он рӯйдодҳо ва санаҳои калидӣ бо тартиби хронологӣ ҷой дода мешаванд; метавон рамзҳоро илова кард | Кумак мекунад, ки хонанда пайдарпайии рӯйдод ва равандҳоро ба таври визуалӣ дид ва ёд гирад |
| ***Тақвими таърихӣ*** | Ҷадвал ё овеза, ки дар он рӯйдодҳои мавзуъ бо тартиби хронологӣ, санаҳо ва рамзҳо сабт мешаванд | Тасвири визуалии рушди рӯйдодҳоро фароҳам меорад; метавонад шакли кори гурӯҳӣ бошад |
| ***Занҷираҳои мантиқии сана ва рӯйдодҳо*** | Пайдарпайии рӯйдодҳо дар шакли занҷира; метавонад холигӣ, омехтагӣ ё иштибоҳ дошта бошад | Хотира, диққат ва малакаи ислоҳи хатоҳоро машқ медиҳад; ба осонӣ ба бозӣ табдил меёбад; метавонад аз ҷониби худи хонандагон таҳия шавад |
| ***Силсилаи хронологӣ*** | Рӯйдодҳое, ки бо як мавзуъ ё раванд муттаҳид шудаанд, ба як силсилаи ягона табдил меёбанд | Робитаи рӯйдодҳоро ба таври визуалӣ нишон медиҳад ва ба дарки мантиқии равандҳои таърихӣ мусоидат мекунад |
| ***Мини-биография дар санаҳо*** | «Хатти зиндагӣ»-и шахсиятҳои таърихӣ, ки аз сана ва далелҳои калидӣ тартиб дода шудааст | Ин амал таърихро ба таҷрибаи шахсӣ табдил медиҳад: он сарнавишти одамонро бо равандҳои таърихӣ мепайвандад ва метавонад ба як тадқиқоти хурд табдил ёбад. |
| ***«Равзанаи» хронологӣ*** | Омӯзгор сол ё даҳсоларо ном мебарад, хонандагон рӯйдодро мегӯянд; варианти баръакс низ имконпазир аст – аз рӯйдод муайян кардани сана | Малакаи ёдгирии санаҳоро таҳким мебахшад, диққатро рушд медиҳад; метавонад дар шакли бозӣ гузаронида шавад; дар ҳолати пурсиши мутақобила ба омӯзиши мутақобила табдил меёбад |

**Шарҳи методӣ**

1. Усулҳо ба як «маҷмӯа» ҷамъ оварда шудаанд, то омӯзгор тавонад варианти мувофиқро интихоб кунад: аз усулҳои визуалии сода (хатти замон, тақвим) то усулҳои таҳқиқотии мураккабтар (мини-тарҷумаи ҳол, таҳлили натиҷаҳо).
2. Ҳамаи мисолҳо дар асоси мавзӯи «Давраи кашфиётҳои бузурги географӣ» пешниҳод шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки ҳатто як маводди таърихиро метавон бо роҳҳои гуногун кушод.
3. Ҳамаи усулҳо универсалӣ мебошанд: онҳоро ба осонӣ метавон ба бахшҳои дигари фанни таърих татбиқ кард, на танҳо номҳо ва санаҳоро иваз намуд, вале равиши методиро нигоҳ дошт.
4. Омезиши шаклҳои гуногун (ҷадвалҳо, визуализатсияҳо, бозӣ, баҳсҳо) имкон медиҳад, ки гуногуншаклии услуби дарки хонандагон ба назар гирифта шавад ва кор бо хронология фаъол ва шавқовар гардад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Саводи хронологӣ – пояи тафаккури таърихӣ мебошад.** Он на танҳо донистани санаҳоро дар бар мегирад, балки дарки пайдарпайӣ, давомнокӣ ва робитаҳои байни рӯйдодҳоро низ фаро мегирад.
2. **Хатоҳо дар хронология – як нидо барои омӯзгор аст.** Агар хонандагон асрҳоро ё пайдарпайии рӯйдодҳоро омехта кунанд, ин нишон медиҳад, ки таърихро пароканда дарк мекунанд, на танҳо фаромӯшкорӣ.
3. **Вазъиятҳои таълимӣ – усули муассири ташаккули малакаҳои хронологӣ мебошанд.** Онҳо имкон медиҳанд, ки кор бо санаҳо, маъно ва контексти равандҳои таърихӣ якҷоя сурат гирад.
4. **Хронология ниёз ба чандирӣ ва гуногуншаклии равишҳо дорад.** Онро метавон дар сатҳҳои гуногуни замонӣ (микро, миёна, макро) бо усулҳои гуногун кор кард: аз хатти замон то тарҷумаи ҳол ва «равзанаҳои хронологӣ», ки хонандагонро ба кори фаъол ва маънодор ҷалб мекунанд.
5. **Кор бо хронология якбора чанд салоҳиятро ташаккул медиҳад.** Таффаккури таърихӣ, тафаккури интиқодӣ ва мантиқӣ, далеловарӣ, мустақилият ва малакаҳои таҳқиқотӣ.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Дар фаҳмиши шумо хронология ҳамчун ҷузъи тафаккури таърихӣ чӣ тағйир ёфт?
2. Чаро хронология танҳо дар бораи санаҳо нест? Кадом ғояҳо аз дарс ин тасаввурро тасдиқ ё васеъ карданд?
3. Кадом нидоҳо дар ҷавобҳои хонандагон метавонанд нишон диҳанд, ки дарки робитаҳои хронологӣ заиф аст?
4. Аз усулҳои пешниҳодшуда кадомашро барои ташаккули саводи хронологӣ муассиртар мешуморед? Чаро?
5. Кадом усул (визуалӣ, таҳқиқотӣ, бозӣ ва ғ.) ба шумо наздиктар аст? Чаро?
6. Кадом унсурҳо аз вазъиятҳои таълимӣ ва супоришҳо метавонед аллакай дар амалияи худ истифода баред?
7. Кадом қадамҳои мушаххасро омодаед, ки барои тақвияти кор бо хронология дар таълим андешед?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳӣ 3.3

*Ҷавоби дурустро интихоб намоед*

**1. Саводи хронологӣ дар таълими таърих чист?**
A. Малакаи аз ёд гуфтан ва такрори санаҳои рӯйдодҳои таърихӣ.
B. Донистани давраҳои асосии таърих аз рӯйи рӯйдодҳои калидӣ.
C. Малакаи мутобиқ кардани рӯйдодҳо бо санаҳо, давраҳо ва дидани робитаҳои онҳо.
D. Қобилияти нақл кардани хронологияи рӯйдодҳо аз китоб

**2. Кадоме аз ибораҳои зерин унсури саводи хронологӣ нест?**
A. Малакаи муайян кардани сабаб ва натиҷаи рӯйдодҳо.
B. Дарки давомнокӣ ва суръати равандҳои таърихӣ.
C. Қобилияти мутобиқ кардани рӯйдодҳои давраҳо ва минтақаҳои гуногун.
D. Самтгирӣ дар пайдарпайӣ ва ҳамзамонии рӯйдодҳо

**3. Ҳадафи асосии вазъиятҳои таълимӣ дар рушди тафаккури хронологӣ чист?**
A. Санҷидани дониши пайдарпайии рӯйдодҳо аз китоб.
B. Кумак ба хонандагон дар таҳлил ва дарки робитаҳои замонӣ.
C. Омодагӣ ба иҷрои тестҳои хронологӣ.
D. Машқ кардани ёдгирии санаҳо ва далелҳои таърихӣ

**4. Кадом усул пайдарпайии таърихиро ба таври визуалӣ нишон медиҳад?**
A. Тартиб додани шкалаи замонӣ (вақт) бо нуқтаҳои калидӣ.
B. Шарҳи таърихӣ бо унсурҳои тафсир.
C. Кор бо манбаъҳо ва таҳлили интиқодӣ.
D. Муқоисаи нуқтаҳои назари гуногун дар бораи рӯйдодҳо

**5. «Занҷираҳои мантиқӣ»-ро аз дигар супоришҳои хронологӣ бо чӣ фарқ мекунад?**
A. Тартиб додани рӯйхат ё ҷадвали санаҳо ва рӯйдодҳо аз рӯйи мавзӯи дарс.
B. Тартиб додани тарҳи мафҳумҳо ва истилоҳҳои калидӣ.
C. Истифодаи далелҳои тарҷумаи ҳол дар хатти замон.
D. Ҳузури иштибоҳҳо, холигӣ ё унсурҳои омехта

**6. Кадом сатҳи хронология равандҳои таърихии дарозмуддатро фаро мегирад?**
A. Сатҳи техникӣ – сабти рӯйдодҳо бо акс ва видео.
B. Сатҳи миёна – давраҳо ва ислоҳотҳои алоҳида.
C. Макросатҳ – тағйироти глобалӣ ва давраҳои тӯлонӣ.
D. Микросатҳ – рӯйдодҳои ҳаррӯза ва кӯтоҳмуддат

**7. Барои чӣ усули «мини-тарҷумаи ҳол» дар таълими таърих истифода мешавад?**
A. Барои таҳкими дониши санаи таваллуд ва вафоти шахсиятҳо.
B. Барои нишон додани робитаи сарнавишти шахсӣ бо ҷараёни таърих.
C. Барои омӯзиши маълумоти биографии шахсиятҳои машҳур.
D. Барои пурра кардани кор бо харита ва манбаъҳо.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Ташхис кардани** малакаҳои хронологии хонандагон аз рӯйи ҷавобҳои онҳо
2. **Тархрезӣ кардани** вазъият ва супоришҳои таълимӣ, ки тафаккури хронологиро инкишоф медиҳанд

## КОРИ АМАЛӢ: ИНКИШОФИ САВОДОНОКИИ ХРОНОЛОГӢ

**Кори амалии 1. Ташхисии малакаҳои хронологӣ аз рӯи ҷавобҳои хонандагон**

**Мақсад:** омӯхтани таҳлили ҷавобҳои хонандагон, муайян кардани малакаҳои хронологии рушдёфта ва рушднаёфта, интихоб кардани усулҳои зуд барои ислоҳи камбудиҳо.

**Қадамҳо барои кор дар ҷуфтҳо:**

1. **Ҷавобҳои хонандагонро хонед** (ду ҷавоб).
2. **Баррасӣ карда, варақаи санҷишро пур намоед:** қайд кунед, ки кадом малакаҳои хронологӣ зоҳир шудаанд ва кадомашон нестанд.
3. **Як усулеро пешниҳод намоед,** ки онро бевосита дар дарс барои ислоҳи камбудиҳо истифода бурдан мумкин аст.
4. **Қолабро** барои усули интихобшуда пур намоед.

**Ҷавобҳои хонандагон**

**Ҷавоб 1:**

«Ҷанги Бузурги Ватанӣ соли 1941 оғоз ёфта, соли 1944 ба охир расид, вақте ки қисми зиёди ҳудуд озод карда шуд. Баъд аз чанд сол давраи роҳбарии Хрушёв оғоз ёфт. Ва баъд, соли 1991, Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрд ва Тоҷикистон мустақил шуд. Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон соли 1996 ё 1997 ба охир расид.»

**Ҷавоб 2:**

«Ҷанги Бузурги Ватанӣ 22 июни соли 1941 оғоз ёфта, моҳи майи соли 1945 ба охир расид. Баъд аз ҷанг, дар охири солҳои 40-ум давраи гармшавӣ оғоз ёфт. Соли 1991 ИҶШС пош хӯрд ва Тоҷикистон истиқлолят ба даст овард. Ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо то охири солҳои 90-ум идома кард, вақте ки созишномаи сулҳ ба имзо расид.»

**Варақаи санҷиш барои ташхиси малакаҳои хронологӣ**

Қайд кунед: ✔ — агар малака зоҳир шуда бошад; ✘ — агар набошад

| Малакаҳои хронологӣ | Ҷавоб 1 | Ҷавоб 2 | Шарҳ |
|---|---|---|---|
| 1. Малакаи номбар кардани санаҳои дақиқ | | | |
| 2. Малакаи муайян кардани пайдарпайии рӯйдодҳо | | | |
| 3. Дарки давомнокии равандҳо | | | |
| 4. Малакаи дидани ҳамзамонии рӯйдодҳо | | | |
| 5. Мутобиқ кардани рӯйдодҳо бо давраҳо | | | |
| 6. Муайян кардани аҳаммияти рӯйдодҳо | | | |

**Супориш:** Кадом усулро метавонед бевосита дар дарс истифода баред, то ба хонанда дар пур кардани камбудиҳои хронологӣ кумак кунед?

**Намуна:**

- Мушкилот дар хронология: ________________________________
- Усули мувофиқ (нигаред ба ҷадвали 2):____________________________
- Чӣ гуна онро дар дарс истифода мебурдед (1–2 қадам): ________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

**Кори амалии 2. Семинари омӯзгорӣ: «Хронология дар амал»**

**Ҳадаф:** Омӯхтани тарҳрезии порчаҳои дарс бо истифода аз усулҳои хронологӣ.

**Шакли кор:** Дар ҷуфтҳо

**Қадамҳои иҷрои супориш:**

1. **Як мавзуъро** аз нақшаи таълимӣ интихоб намоед.
2. **Муҳтаворо шарҳ диҳед** (2–3 ҷумла — чаҳорчӯбаи муқаддимавӣ ба рӯйдод/давра).
3. **Як ё ду усулро интихоб намоед** (хатти замон (вақт), тақвим, тарҷумаи ҳоли хурд, «равзанаи» хронологӣ ва ғ.).
4. **Муайян намоед, ки супориш дар кадом сатҳи хронологӣ** (макро/миёна/микро) тарҳрезӣ менамоед.
5. **Супоришҳоеро барои хонандагон тартиб диҳед,** ки малакаҳои хронологиро рушд медиҳанд.
6. **Амалҳои хонандагонро тавсиф намоед:** онҳо ҳангоми кор бо усул чӣ кор мекунанд.
7. **Маҳсул/натиҷаро муайян намоед:** хонандагон бояд чӣ ба даст оранд.
8. **Бо дигарон тарҳҳои худро мубодила намоед** ва бо истифода аз варақаи санҷишӣ (чек-лист) арзёбии мутақобила гузаронед.

**Матритсаи тарҳрезии методӣ**

| Қадамҳои тарҳрезӣ | Варианти шумо |
|---|---|
| 1. Муайян кардани мавзуъ | |
| 2. Тавсифи мазмун (2–3 ҷумла) | |
| 3. Интихоби як ё ду усул | |
| 4. Нишон додани сатҳи хронологӣ (макро/миёна/микро) | |
| 5. Тартиб додани супориш ва саволҳо | |
| 6. Тавсифи амалҳои хонандагон (онҳо маҳз чӣ корро иҷро мекунанд) | |
| 7. Муайян кардани натиҷа/маҳсул (хонандагон ба кадом дастовардҳо бояд ноил гарданд) | |

**Варақаи санҷишӣ барои арзёбии мутақобила**

| **Меъёр** | **Бале** | **Қисман** | **Не** | **Шарҳ** |
|---|---|---|---|---|
| 1. Муҳтавои тасаввури умумӣ дар бораи вазъияти таърихӣ медиҳад | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 2. Усул ба сатҳи интихобшудаи хронологӣ мувофиқат мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 3. Супоришҳо бо усул алоқамананд ва малакаҳои хронологиро рушд медиҳанд | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 4. Амалҳои хонандагон мустақиман аз супоришҳо бармеоянд | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 5. Натиҷа малакаҳои хронологиро нишон медиҳад (пайдарпайӣ, давомнокӣ, ҳамзамонӣ, сабабнокӣ) | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 6. Тарҳрезӣ воқеӣ ва дар дарс татбиқшаванда аст | ☐ | ☐ | ☐ | |

# МАВЗУИ 4

## Кейс - стадӣ ҳамчун шакли рушди тафаккур ва салоҳиятҳо

**Чиро бояд донем:**

- мавҷудияти шабоҳат ва фарқият байни кейс ва вазъияти таълимӣ;
- таркиби кейс чӣ гуна сохта шудааст: муҳтаво, мушкилот, манбаъҳо, саволҳо ва супоришҳо;
- чӣ гуна кейсҳо ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд;
- чӣ гуна кейсҳо дар дарсҳои таърих истифода бурда мешаванд.

**Чиро бояд тавонем:**

- фарқ кардани кейс аз дигар навъи супоришҳо;
- таҳлили сохтори кейс: муайян кардани нуқтаҳои қавӣ ва заъфи он;
- сохтани кейси сода дар асоси мавзуи таълимӣ;
- истифодаи маълумоти таърихӣ, ҳуҷҷатҳо ва андешаҳо дар сохтори кейс;
- идора кардани баррасӣ ва бозхурд дар ҷараёни кор бо кейс.

**Саволҳои калидӣ барои баррасӣ:**

- хусусияти кейс ҳамчун шакли таълим дар чист?
- сохтори кейси «амалӣ» бояд чӣ гуна бошад?
- чӣ гуна кейсҳо метавонанд муҳити таълимро фаъол кунанд?
- чӣ гуна кейс-стадӣ метавонад ба вазъияти таълимӣ табдил ёбад?
- кадом мавзуъҳои нақшаи таълим барои кейсҳо махсусан мувофиқанд?
- чӣ гуна барои оғоз кардани фаъолияти лоиҳавӣ кейсҳо истифода мешаванд?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз анҷоми омӯзиши ин мавзуъ метавонед:

1. **Фаҳмидани** фарқияти кейс аз дигар навъи супоришҳо
2. **Шинохтани** сохтори кейс: мазмун, мушкилот, манбаъ ва саволу супоришҳо
3. **Таҳлили** порчаи супориш ё кейс: чӣ кор мекунад ва чӣ намерасад
4. **Мутобиқсозии** кейс ба сатҳи омодагии хонандагон

## Муқаддима

Дар дарсҳои таърих мо аксар вақт дар бораи рӯйдоду равандҳои муҳим — ҷангҳо, инқилобҳо, ислоҳот сухан мегӯем. Аммо чӣ гуна метавон чунин мавзуъҳоро ба супоришҳои воқеӣ табдил дод, то хонанда на танҳо сана ва далелҳоро аз бар кунад, балки кӯшиш намояд, ки зиддиятҳоро фаҳмад, мавқеъҳои гуногунро арзёбӣ ва андешаи шахсии худро баён намояд? Яке аз ин роҳҳо — усули кейс-стадӣ мебошад.

Кейс-стадӣ (case study) — ин модели таълимиест, ки дар он хонанда бо вазъияти мушаххас рӯ ба рӯ мешавад: контексти давра, мушкилот, манбаъҳо ва иштирокчиёни рӯйдодҳо мавҷуданд. Кор бо кейс на такрори ҷавоби тайёр, балки таҳлил, муқоисаи далелҳо, интихоби мавқеъ ва асосноккунии он мебошад.

Дар дарси таърих кейс-стадӣ ба зинда кардани гузашта, табдили далелҳо ба фазои баҳс ва табдили дарс ба равиши таҳқиқотӣ мусоидат мекунад. Ин барои рушди тафаккури таърихӣ ва ташаккули салоҳиятҳои калидӣ аҳамияти хос дорад.

Дар ин машғулият мо:

- мефаҳмем, ки кейс аз дигар супоришҳои таълимӣ бо чӣ фарқ мекунад;
- сохтор ва унсурҳои асосии онро баррасӣ мекунем;
- мисоли мушаххасро таҳлил мекунем, кейс дар мавзуи “Ҷадидия дар Осиёи Марказӣ”;
- бо намудҳои кейсҳо шинос шуда, баррасӣ мекунем, ки чӣ гуна онҳоро барои ҳадафҳои гуногуни дарс мутобиқ сохтан мумкин аст;
- кӯшиш мекунем, ки кейсҳои худро дар шакли машқҳо тарҳрезӣ намоем.

Ҳадафи асосӣ — нишон додани он аст, ки усули кейс-стадӣ метавонад қисми муҳимми таълими фанни таърих гардад ва ба омӯзгор кумак кунад, ки дониш, таҳлил ва баҳсро дар муҳити таълимии ягона муттаҳид созад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Кейс-стадӣ** — усули таълим тавассути таҳлили вазъият ва кор бо манбаъҳои таърихӣ, ки дар он хонандагон маълумотро арзёбӣ карда, ҳалли асоснок пешниҳод менамоянд.

**Муҳтаво (Контекст)** — шароити таърихӣ (замон, макон, шахсони фаъол), ки бе онҳо вазъият фаҳмо нест. Контекст ба супориш ҳаётӣ будан мебахшад ва мушкилотро бо давраи мушаххаси таърихӣ мепайвандад.

**Проблема** — даъвати калидӣ ё тазодест, ки дар ин контексти таърихӣ ба вуҷуд омадааст; он ҷавоби якмаъно надорад ва таҳлилу баҳсро талаб мекунад.

**Манбаъҳо ва маълумот** — ҳуҷҷатҳои таърихӣ, ёддоштҳо, аксҳо, харитаҳо, мақолаҳо, омор ва дигар маводҳое, ки хонандагон бо онҳо кор мекунанд. Маҳз ҳаминҳо кейсро ба супориши таҳқиқотӣ табдил медиҳанд.

**Савол ва супоришҳо** — усулҳои таълимие мебошанд, ки хонандаро аз фаҳмиши далелҳо ба таҳлил ва асосноккунии мавқеъ роҳнамоӣ мекунанд.

**Нақши хонанда** — иштирокчии фаъол: ӯ ҳамчун таҳқиқотгар, таҳлилгар ё «иштирокчии рӯйдодҳо» амал мекунад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

**1. Фаҳмидани фарқияти кейс аз дигар навъи супоришҳо**
**2. Шинохтани сохтори кейс: контекст, мушкилот, манбаъҳо, саволҳо ва супоришҳо**



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Бо кадом мафҳумҳо калимаи «кейс» пайвандӣ дорад?**

**Се калимаро** номбар кунед, ки аввалин шуда ба хотир меоянд.

*Шакли кор:*
– Фардӣ – 1 дақиқа
– Кори дукаса: муҳокима кунед, ки мафҳумҳои шумо чӣ гуна монандӣ ё фарқият доранд – 2 дақиқа

**2. Ба изҳоротҳо назар андозед ва ҷавоб диҳед: Дуруст ё Нодуруст**
*Шакли кор:*
– Фардӣ

| № | Изҳорот | Ҷавоб |
|---|---|---|
| 1 | Кейс-стадӣ — ин як ҳикояи кӯтоҳ бо як ҷавоби дуруст аст. | |
| 2 | Дар кейс ҳамеша номуайянӣ ва чанд ҳалли эҳтимолӣ вуҷуд дорад. | |
| 3 | Кейс ҳатман бояд ба вазъияти воқеӣ асос ёфта бошад. | |
| 4 | Дар кейс барои андешаи шахсии хонанда ҷой нест, ӯ танҳо далелҳоро таҳлил мекунад. | |
| 5 | Вазъияти таълимӣ — як навъ кейс-стадӣ мебошад. | |
| 6 | Як кейсро метавон дар марҳилаҳои гуногуни дарс истифода бурд. | |
| 7 | Кейсро метавон худ эҷод кард, на танҳо аз китоб ё маҷмӯа гирифт. | |



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 3.3-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 3.3 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 3.3.**

### *1. Кейс-стадӣ (case study) – ҳамчун шакли вазъияти таълим*

Вақте ки мо дар бораи рушди салоҳиятҳои калидӣ дар таълими фанни таърих сухан мегӯем, муҳим на танҳо чиро меомӯзем — санаҳо, рӯйдодҳо, сабабҳо, балки чӣ гуна меомӯзем, аст. Хонанда метавонад аз бар кунад, ки шӯриши Восеъ дар соли 1888 рух додааст ё Хиросима дар соли 1945 нобуд шудааст. Аммо сатҳи комилан дигаре аз тафаккур ба вуҷуд меояд, агар ӯ кӯшиш кунад бифаҳмад, ки чаро ин рӯйдодҳо ба вуқуъ пайвастанд, чӣ гуна алтернативаҳо вуҷуд доштанд, иштирокчиён чӣ эҳсос мекарданд ва кадом дарсҳоро метавон аз гузашта барои имрӯз гирифт.

Маҳз дар ҳамин ҷо дар дарси таърих шакли кейс-стадӣ, ё ба содагӣ — кейс, метавонад истифода шавад.

**Кейс-стадӣ** — таҳлили вазъияти мушаххаси таърихии воқеӣ мебошад, ки аксар вақт ҷавоби якмаъно надорад. Кейс ҳамеша дорои унсурҳои зерин аст:

- **Контекст** — давраи таърихӣ, макон, иштирокчиён;
- **Проблема** — дидгоҳҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ё арзишӣ;
- **Манбаъҳо ва маълумот** — ҳуҷҷатҳо, порчаҳои матн, ёддоштҳо, харитаҳо;
- ва муҳимтар аз ҳама — **саволҳо**, ки ба тафаккур, арзёбӣ ва қабули қарор хонандагонро водор мекунанд.

Кейс як шакли вазъияти таълимӣ аст, аммо бо хусусиятҳои хоси худ. Бар хилофи супориши таълимӣ, кейс:

- ҳамеша ба **мавод ва манбаъҳои воқеӣ такя мекунад;**
- **номуайянӣ ва зиддиятҳоро** дар бар мегирад**;**
- **якчанд нуқтаи назар ва роҳҳои ҳалли эҳтимолӣ** дорад;
- аз хонанда **мавқеъ ва асосноккуниро** талаб мекунад, на «ҷавоби дуруст».

Чунин супоришҳо хонандагонро ҳам эҳсосӣ ва ҳам зеҳнӣ ҷалб мекунанд. Онҳо кӯмак мекунанд, ки фанни таърих «аз дарун» эҳсос шавад, дар паси далелҳо одамони зинда, низоъҳо, интихоб ва паёмадҳо дида шаванд. Ин калиди рушди тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ ва муошират аст.

Ба ҷои интиқоли маълумоти тайёр, хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки вазъияти мушаххасро таҳлилу, мавқеъҳоро арзёбӣ ва андешаи шахсии худро баён кунанд. Ин имкон медиҳад, ки донишҳои таърихӣ бо амалияи воқеии тафаккур, муҳокима ва асосноккунӣ пайваст шаванд.

Бо шарофати чандҷонибагии худ, кейс-стадӣ метавонад ҳамчун супориши алоҳида, ҳамчун қисми дарс ё ҳамчун оғози кори таҳқиқотӣ истифода шавад. Барои он ки кор бо кейс самаранок бошад, муҳим аст, ки сохтор, марҳилаҳои таҳлил ва намудҳои супоришҳо фаҳмида шаванд. (дар бораи ин дар поён сухан меравад).

## 2. Сохтори кейс

Барои он ки кейс воқеан ба воситаи таълимӣ табдил ёбад, аз гузашта оварда шавад, бояд ба таври возеҳ сохтор дошта бошад. Ҳар як унсури кейс барои ҷалби хонанда ба вазъият, кумак мекунад, ки **мушкилот дар контекст дида шавад**, қарор қабул гардад, мавқеъҳо муқоиса ва андешаи шахсӣ асоснок карда шавад.

Инҳо унсурҳои калидии кейс-стадӣ дар дарси таърих мебошанд:

### 1. Номи кейс

Кӯтоҳ, дақиқ, хотирмон. Кумак мекунад, ки мавзуъ фавран фаҳмида шавад ва таваҷҷуҳи хонандагонро ҷалб намояд.

Мисол: «Ҷадидҳо: ислоҳотгарон ё вайронкунандагон?»

### 2. Контекст

Кейс дар давраи **таърихӣ ва фазои мушаххас** сурат мегирад. Ин метавонад лаҳзаи буҳрони сиёсӣ, низоъи иҷтимоӣ ё тағйироти фарҳангӣ бошад. Контекст чаҳорчӯбаи **замонӣ ва маъноиро** муайян карда хонандаро ба рӯйдодҳои он давра ворид месозад.

*Мисол:* Душанбе, аввали солҳои 1990. Давраи ноустувории сиёсӣ ва қадамҳои аввалини истиқлолияти Тоҷикистон.

### 3. Мушкилот

Дар маркази кейс — **тазод ё дидгоҳи зиддиятнок** қарор дорад, ки дар бораи он андешаи ягона вуҷуд надорад. Ин метавонад баҳс дар бораи нақши шахсияти таърихӣ, арзёбии қарорҳои ҳукумат, паёмадҳои ислоҳот ё рӯйдодҳои баҳсбарангез бошад. Мушкилот ҷавоби якмаъно надорад, маҳз ҳамин онро таълимӣ месозад.

Мисол: Чӣ гуна метавон ваҳдати миллиро дар шароити пошхӯрии ИҶШС ва афзоиши зиддиятҳо нигоҳ дошт?

### 4. Манбаъҳо ва маълумот

Кейси хуби таърихӣ ҳамеша ба маводди воқеии таърихӣ такя мекунад ва порчаҳои ҳуҷҷатҳо, харитаҳо, аксҳо, иқтибосҳо аз ёддоштҳо, буридаҳои рӯзномаҳо, порчаҳо аз китобҳои дарсӣ дар солҳои гуногун. Ин маводҳо асосан барои таҳлил ва баррасӣ мебошанд.

Мисол: Порчаҳо аз Созишномаи оштии миллӣ (1997), ёддоштҳои иштирокчиёни ҷанги шаҳрвандӣ, мақолаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои он солҳо.

### 5. Саволҳо ва супоришҳо

Бе саволҳо кейс ба як ҳикоя табдил меёбад. Маҳз саволҳо **чаҳорчӯбаи маъноиро** муайян мекунанд: водор мекунанд, ки фикр кунем, мушкилотро бубинем, самтҳои таҳлилро муайян намоем. Саволҳо метавонанд сатҳҳои гуногун дошта бошанд:

- дақиқкунанда («Чӣ рӯй дод?»);
- таҳлилӣ («Чаро ин рӯй дод?»);
- арзёбикунанда («Чӣ гуна метавон амалҳои иштирокчиёнро арзёбӣ кард?»).

Супоришҳо муҳокимаро ба амалҳои таълимии мушаххас табдил медиҳанд. Онҳо метавонанд гуногун бошанд:

- **кор бо манбаъҳо** (ҷудо кардани далелҳои калидӣ, муқоисаи намунаҳо, муайян кардани мавқеи муаллиф, ёфтани далелҳои «тарафдор» ва «муқобил», муқоиса бо манбаъҳои дигар);
- **структурасозии маълумот** (тартиб додани ҷадвал, схема, хати замонӣ барои системанокӣ маълумот);
- **моделсозии нақшҳо** (тайёр кардани мавқеъ, интихоби нақши шахсияти таърихӣ ё ҷонибдори низоъ ва иштирок дар баҳс ё мунозира аз номи онҳо);

- **навиштани матн** (эссеи кӯтоҳ, нома/муроҷиат, ёддошти таърихӣ, манифест, сабти рӯзнома, матн аз номи иштирокчии рӯйдодҳо дар шакли ёддоштҳои шахсӣ ё мақола барои рӯзнома);
- **шаклҳои эҷодӣ** (эҷоди тасвир, карикатураи таърихӣ, ифодаи тасвирӣ, ҳикояи расмӣ, қиссаи тасвиршуда дар мавзӯи кейс).

Ҳамин тавр, саволҳо самти тафаккурро муайян мекунанд, ва супоришҳо хонандагонро ба амал водор карда кейсро пурра ба воситаи таълимӣ табдил медиҳанд. Маҳз дар ҳамин ҷо хонанда меомӯзад, ки манбаъҳоро таҳлил карда, мавқеъҳои гуногунро арзёбӣ намояд, ҳалли масъала пешниҳод кунад ва андешаи шахсии худро асоснок намояд.

Барои он ки пайвастагии унсурҳо ва мақсади ҳар кадомашон равшантар дида шавад, сохтори кейсро дар шакли ҷадвал тасвир мекунем:

| **Унсур** | **Мақсад / шарҳ** |
|---|---|
| ***1. Номи кейс*** | Кӯтоҳ ва хотирмон. Кумак мекунад, ки мавзӯъ фавран фаҳмида шавад ва таваҷҷуҳи хонандагонро ҷалб намояд |
| ***2. Контекст*** | Вазъияти воқеии таърихӣ: замон, макон, шахсони фаъол. Ин шароите мебошанд, ки дар онҳо мушкилот ба вуҷуд меояд |
| ***3. Мушкилот*** | Низоъ, дидгоҳи зиддиятнок ё саволи баҳсбарангез, ки дар ин контекст пайдо мешавад ва таҳлил ҳамчунин арзёбиро талаб мекунад |
| ***4. Манбаъ ва маълумот*** | Ҳуҷҷатҳо, матнҳо, тасвирҳо, ёддоштҳо, далелҳое, ки хонанда ҳангоми таҳлил ба онҳо такя мекунад |
| ***5. Савол ва супоришҳо*** | Самти тафаккурро муайян мекунанд ва кейсро ба фаъолият табдил медиҳанд: таҳлили манбаъҳо, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли масъала, арзёбии мавқеъҳо, ташаккули мавқеи асосноки шахсӣ |

Ҳамин тавр, сохтори кейс сода ва универсалӣ аст. Он ба омӯзгор кӯмак мекунад, ки маводро ба таври равшан пешниҳод кунад, хонанда ба вазъият ворид шуда мушкилотро дар контексти таърихӣ баррасӣ намояд.

Акнун, ки мо фаҳмидем кейс-стадӣ аз кадом унсурҳо иборат аст, мантиқӣ аст, ки ба намунаи амалӣ гузарем. Ҳамчун намуна, мавзӯи ҷадидҳо дар Осиёи Марказӣ баррасӣ мешавад, ки равшан нишон медиҳад, чӣ гуна рӯйдодҳои воқеии таърихӣ метавонанд ба кейси таълимӣ табдил ёбанд.

### 3. Методикаи кор бо кейс-стадӣ

Методикаи кор бо кейс-стадӣ — ин тавсифи он аст, ки чӣ гуна омӯзгор метавонад кейсро дар дарс истифода барад. Он кумак мекунад, ки кор бо мавод ба таври марҳилавӣ ташкил карда шавад: чӣ гуна вазъият ба хонандагон пешниҳод гардад, ба кадом саволҳо диққат дода шавад, кадом супоришҳо пешниҳод шаванд.

Ин равиш кейсро на ба матни иловагӣ барои хониш, балки ба вазъияти пурраи таълимӣ табдил медиҳад, ки дар он хонандагон таҳлилу муҳокима мекунанд ва хулосаҳои шахсии худро ташаккул медиҳанд.

***Мавзуъ: «Ҷаддизм. Фаъолияти фарҳангӣ-маърифатии ҷадидҳо» – синфи 9***

***1. Номи кейс:*** *Ҷадидҳо: ислоҳотгарон ё вайронкунандагон*

***2. Контекст:***

Охири асри XIX – аввали асри XX. Осиёи Марказӣ ба қисми Империяи Русия табдил меёбад. То ин замон дар минтақа низоми таълим дар маънои муосир вуҷуд надошт: танҳо мадраса ва муассисаҳои динӣ амал мекарданд, ки дар онҳо Қуръон, ҳадис ва асосҳои шариат таълим дода мешуданд.

Вақте ки Империяи Русия ҳокимияти худро дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам кард, таъсиси аввалин мактабҳои русӣ-туземӣ (мактабҳо барои аҳолии маҳаллӣ) оғоз ёфт. Ин як падидаи комилан нав буд: бори аввал таълим дар асоси фанҳои умумии таълимӣ — хондан, навиштан, арифметика, география, таърих ва асосҳои илмҳои табиӣ ташкил мешуд.



Бо вуҷуди ин, сатҳи саводнокӣ ниҳоят паст боқӣ мемонд: дар аввали асри XX танҳо тақрибан 2–5% мардон хондану навиштанро медонистанд, миёни занон саводнокӣ қариб вуҷуд надошт, ва духтарон ба таълим роҳ дода намешуданд.

Дар чунин шароит ҳаракати ҷадидҳо — ислоҳотгарони мусалмон ба вуҷуд омад. Он дар охири асри XIX дар Қрим ва дар минтақаи Волга (қисми ҳозираи Ҷумҳурии Тотористон) пайдо шуд, ва бунёдгузори он маорифпарвари қримӣ-тоторӣ Исмоил Гаспринский ба ҳисоб меравад, ки «усул-и ҷадид» («усули нав») — усули нави таълимро пешниҳод кард. Моҳияташ аз он иборат буд, ки мактабҳои мусалмониро навсозӣ намуда, ба фанҳои динӣ фанҳои дунявиро илова кунанд.

Дар Осиёи Марказӣ ин ақидаҳо миёни як қисми зиёиёни маҳаллӣ — муллоҳои ислоҳотгар, нависандагон, тоҷирон — ҷонибдорӣ ёфта, мебинанд, ки мардуми онҳо аз ҷиҳати дониш ва таълим аз дигар кишварҳо ақиб мондаанд ва ба маърифат ва муосирсозии ҷомеа талош мекарданд.

Бо вуҷуди ин, дар Бухоро ҳаракати ҷадидҳо бо муқовимати шадиди амир ва атрофиёни ӯ рӯ ба рӯ шуд. Барои ҳокимият ҳар гуна ислоҳот дар соҳаи таълим ва фарҳанг ҳамчун таҳдид ба тартиботи сиёсӣ ва арзишҳои динӣ қабул мешуд. Ҷадидҳо даъват мекарданд, ки мактабҳои нав таъсис дода шаванд, китобҳо ва рӯзномаҳо нашр гарданд, таълим васеъ карда шавад, аз ҷумла барои духтарон, ки ин ба сиёсати муҳофизакоронаи амир ва руҳониён зид буд.



*Мактаби русӣ дар Бухоро солҳои 1910–1914*

Дар натиҷа фаъолияти онҳо маҳдуд карда мешуд: мактабҳо баста мешуданд, рӯзномаҳо манъ

мешуданд, фаъолон таҳти фишор, боздошт ва табъид қарор мегирифтанд. Бар хилофи минтақаҳои ҳамсоя, ки таҳти идораи мустақими Империяи Русия қарор доштанд ва ҷадидҳо озодтар амал мекарданд, дар Бухоро ҳаракат қариб пурра саркӯб карда шуд. Чунин сиёсат муосирсозии амморатро ба таъхир андохт ва фосиларо миёни он ва дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, ки идеяҳои ислоҳотгарӣ дар онҳо зудтар паҳн мешуданд, афзоиш дод.

**3. Мушкилот:**

Чӣ гуна бояд нақши ҷадидҳоро арзёбӣ кард: ҳамчун пайравони пешрафт ва эҳёи миллӣ ё ҳамчун вайронкунандагони тартиботи анъанавӣ?

**4. Манбаъҳо ва маълумот:**

---

***I. Рӯзномаи «Бухорои Шариф». Порча*** (шакли мутобиқшуда):

«Мо ошкоро мегӯем: бе таълим мардум дар торикӣ боқӣ мемонад. Фарзандони мо бояд на танҳо Қуръон ва ҳадисҳоро донанд, балки арифметика, таърих, географияро низ омӯзанд. Оё мумкин аст бо дигар халқҳо ҳамқадам бошем, агар хондану навиштанро намедонем? Мактаби нав – ин рад кардани имон нест, балки таҳкими он аст, зеро мусалмони ҳақиқӣ бояд босавод бошад. Мо бояд китобхонаҳо созем, мактабҳо кушоем, писарон ва духтаронро таълим диҳем, зеро дониш ҳаққи ҳар як инсон аст. Танҳо бо ҳамин роҳ мардуми мо метавонад аз ҳолати ақибмондагӣ берун ва ба ҷомеаи халқҳои мутамаддин ворид гардад. Аммо тартиботи кӯҳна тағйиротро таҳаммул намекунад: онҳое, ки ба гузашта часпидаанд, моро ба хиёнат ва «вайрон кардани анъанаҳо» муттаҳам мекунанд. Бигзор, вале мо бовар дорем, ки оянда аз они дониш аст ва инояндаро мо бояд аллакай имрӯз бунёд намоем».

**Маълумотнома:** Рӯзнома аз ҷониби ҷадидҳо аз 11 марти соли 1912 то 2 январи соли 1913 ба забони тоҷикӣ (форсӣ) бо хатти арабӣ нашр мешуд. Бо фармони амир дар моҳи январи соли 1913 пас аз 153 шумора баста шуд.

---

***II. Маҷаллаи «Ойна». Порча*** *(тафсири мутобиқшуда):*

«Мо дар замони аҷибе зиндагӣ мекунем: рӯзномаҳо ва китобҳо ба ҳар як чойхона мерасанд, мардум на танҳо дар бораи тиҷорат, балки дар бораи сиёсат ва фарҳанг низ баҳс мекунанд. «Ойна» ин тағйиротро инъикос мекунад, зеро мо мехоҳем, ки ҳар як мусалмон дарк кунад – маърифат душмани дин нест, балки ҳампаймони он аст. Мардуми мо бояд адабиёт, илмҳои табиӣ ва таърихи ҷаҳониро бидонад. Мо мақолаҳо дар бораи мактабҳо, театр ва корҳои ҷамъиятӣ чоп мекунем, зеро ҳамаи ин — қисми ҳаёти нав аст. Зарур аст, ки занон ва духтарони мо низ ба дониш дастрасӣ дошта бошанд: бе онҳо дар бораи оянда сухан гуфтан ғайриимкон аст. Мо анъанаро рад намекунем, баръакс, мехоҳем руҳи онро зинда кунем, онро аз ҷаҳолат ва хурофот пок созем. Роҳи мо – роҳи таълим ва навсозии ҷомеа аст.»

**Маълумотнома:** Маҷалла аз 20 августи соли 1913 то 15 июни соли 1915 дар Самарқанд нашр гардида, аз ҷониби Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ ва ҷадидҳо ба забони ӯзбекӣ ва тоҷикӣ (форсӣ) таҳия мешуд. Нашр ба сабаби мушкилоти молиявӣ дар шароити Ҷанги Якуми Ҷаҳон қатъ гардид.

---

***III. Посухи муҳофизакорона*** *(бар асоси мавқеи амири Бухоро ва руҳониён, барқароркунии таърихӣ):*

«Имрӯз дар шаҳрҳои мо одамоне пайдо шудаанд, ки худро ислоҳотгар меноманд. Онҳо мактабҳо мекушоянд, ки дар онҳо ба ҷойи улуми муқаддас ба кӯдакон арифметика, география ва дигар донишҳои бегона таълим дода мешавад. Онҳо ҳатто ҷуръат карда мегӯянд, ки духтаронро бояд ҳамроҳи писарон таълим дод, аммо оё ин тартиботи асрҳо санҷидаро вайрон намекунад? Мардуми мо бо

пайравӣ аз Қуръон ва маслиҳати уламо зиндагӣ мекард ва шукуфон буд. Акнун ҷавонон ба рӯзномаҳо ва китобҳое рӯ меоранд, ки дар онҳо шубҳа бештар аст, на имон. Агар мо ба ин навовариҳо иҷозат диҳем, мардум анъанаҳои худро фаромӯш мекунад ва ба ғуломи андешаҳои бегона табдил меёбад. Аз ин рӯ, мо бояд анъанаҳои ниёгонро ҳифз кунем ва исломро аз навовариҳои бардурӯғ муҳофизат намоем. Миллати қавӣ — ин миллати вафодор ба имони худ аст, на он ки ба одатҳои бегона пайравӣ кунад.»

**Маълумотнома:** Дар соли 1910-ум амири Бухоро борҳо фармонҳо дар бораи бастани мактабҳои нав, ки аз ҷониби ҷадидҳо кушода мешуданд, содир кардааст. Дар ҳуҷҷатҳо таъкид мешуд, ки чунин муассисаҳои таълимӣ «ба имон зарар мерасонанд» ва «дар миёни ҷавонон шубҳа паҳн мекунанд».

**5. Савол ва супоришҳо**

**Саволҳо барои баррасӣ:**

1. Чаро як қисми ҷомеа ҷадидҳоро дастгирӣ кард, вале қисми дигар онҳоро рад намуд?
2. Кадом далелҳои асосии «тарафдор» ва «муқобили» муосирсозӣ дар он давра садо медоданд?
3. Чӣ гуна идеяҳои ҷадидҳо ба фарҳанг ва таълими минтақа таъсир расониданд?
4. Оё ҷадидҳоро метавон пешгӯикунандагони эҳёи миллӣ номид? Чаро?

**Супоришҳо:**

1. **Таҳлили манбаъҳо**
   Се порча (рӯзномаи «Бухорои Шариф», маҷаллаи «Ойна», посухи муҳофизакорона)-ро хонед. Муайян кунед, ки кадом мавқеъ инъикос ёфтааст ва дар ҳар порча кадом далелҳо оварда шудаанд.
2. **Муқоисаи мавқеъҳо**
   Ҷадвали «Далелҳо ба тарафдор / Далелҳо муқобили муосирсозӣ»-ро тартиб дода, қайд кунед, ки кадом далелҳо яксонанд ва кадомашон хоси ҳар як манбаъ мебошанд.
3. **Кор бо аксҳо**
   Аксҳои мактабҳои русӣ-туземиро баррасӣ кунед. Аксҳоро бо матни манбаъҳо муқоиса намоед: кадом идеяҳои ҷадидҳо дар ин тасвирҳо тасдиқ меёбанд?
4. **Баррасии нақшҳо**
   Ба се гурӯҳ тақсим шавед:
   - ҷонибдорони ҷадидҳо,
   - мухолифони ислоҳот,
   - «мушоҳидагарони бетараф» (волидон, ҳунармандон, тоҷирон).

   Далелҳо омода кунед ва бо такя ба манбаъ ва аксҳо баҳси кӯтоҳ баргузор намоед.
5. **Навиштани матн**

Тасаввур кунед, ки шумо омӯзгори солҳои 1920 мебошед. Матни кӯтоҳ (5–6 ҷумла) навишта, дар он ба волидони хонандагон фаҳмонед, чаро муҳим аст, ки фарзандони онҳо фанҳои умумии таълимиро омӯзанд.

**Шарҳи методӣ:**

Маводди пешниҳодшуда **кейси пурраи таҳқиқотӣ мебошад**, ки дар асоси манбаъҳои воқеӣ ва маводди мутобиқшуда таҳия шудааст. Мо онро қасдан ба таври муфассал пешниҳод кардем, то ба омӯзгор нишон диҳем, ки кейси «намунавӣ» чӣ гуна буда метавонад: на як хулосаи кӯтоҳ, балки кор бо контекст, манбаъҳо, саволҳо ва супоришҳо ҳамчун як маҷмӯи таълимӣ. Ин муҳим аст, то омӯзгор иқтидори методиро дарк карда, бубинад, ки кейс-стадӣ чӣ гуна метавонад ба як қисми дарси таърих табдил ёбад.

**1. Чӣ гуна кейсро дар дарс истифода бурдан мумкин аст**

Бояд ба назар гирифт, ки иҷрои ҳамаи супоришҳо дар доираи як дарс (45 дақиқа) қариб ғайриимкон аст. Ду муносибат мумкин аст:

- **Шакли «дарси баръакс»:** қисми кор (хониши матнҳо, омодасозии далелҳо) ба хона гузаронида мешавад, ва дар дарс вақт барои муҳокима, таҳлил ва баҳс боқӣ мемонад.
- **Варианти кӯтоҳшуда:** агар кейс пурра дар синф истифода шавад, метавон ба муҳокимаи саволҳои калидӣ, муқоисаи аксҳо бо манбаъҳо ва навиштани матни кӯтоҳ (масалан, нома ба волидон) маҳдуд шуд.

**2. Кейс ҳамчун кори лоиҳавӣ**

Вақте хонанда бо кейси пурра кор мекунад ва сохтори онро мефаҳмад, метавонад ҳамчун **эҷодкунандаи** кейси шахсӣ баромад кунад. Ин метавонад лоиҳаи гурӯҳӣ бошад: ҷустуҷӯи мавод, омодасозии матнҳо, таҳияи саволҳо. Чунин лоиҳаҳо метавонанд ба анъанаи мактабӣ табдил ёбанд, ки кейсҳои беҳтарин дар сайти мактаб ҷой дода мешаванд ё дар дарсҳои кушод истифода мешаванд.

**3. Саводнокии рақамӣ ва шаклҳои нав**

Дар синфҳои болоӣ супоришҳо метавонанд бо иловаи шаклҳои мултимедиявӣ мураккаб гарданд: таҳияи рӯнамоҳо, ҷадвалҳои оморӣ, видеороликҳои кӯтоҳ ё бозсозии таърихӣ. Ҷойгир кардани чунин мавод дар сайти муассисаи таълимӣ ё шабакаҳои иҷтимоӣ ба рушди малакаҳои рақамӣ, саводнокии компютерӣ ва эҷодкорӣ мусоидат мекунад.

**4. Супоришҳои дорои шаклҳои гуногун**

Супоришҳо дар дохили кейсро метавон ба сатҳи омодагии синф, ҳадафҳои дарс ва озодии интихоби хонандагон мутобиқ кард. Масалан, навиштани матн (5–6 ҷумла) метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад:

- нома аз гузашта ё нома ба гузашта;
- ёддошт барои рӯзномаи аввали асри XX;
- сабти рӯзнома «аз номи хонанда, омӯзгор ё ҷадид»;
- манифести кӯтоҳ ё муроҷиат.

Ин гуна чандирӣ ба хонандагон кумак мекунад, ки вазъиятро амиқтар эҳсос кунанд, ва ба омӯзгор кумак мекунад шакли мувофиқтарро интихоб кунад.

**5. Ҷиҳатҳои қавии кейс**

- Хонандагонро ба давраи воқеии таърихӣ бурда, имкон медиҳад, ки рӯйдодҳоро аз назари ҳамзамонон «бинанд».
- Омӯзиш бо манбаъҳои матнӣ ва визуалӣ, муқоисаи нуқтаҳои назарро меомӯзад.
- Ба ишғоли мавқеъ, таҳияи далелҳо ва шаклгирии андешаи шахсӣ водор мекунад.
- Муҳити таълимии махсусро ташаккул медиҳад, ки дар он хонандагон дар гурӯҳҳо кор мекунанд, баҳс намуда, далел меҷӯянд ва якдигарро мешунаванд. Маҳз дар чунин муҳит салоҳиятҳо гуфта намешаванд, балки воқеан ташаккул меёбанд.

Ҳамин тавр, кейси мазкур на танҳо воситаи тайёр барои дарс аст, балки як захираи методиест, ки донишҳои таърихӣ, кор бо манбаъҳо, баҳс, фаъолияти лоиҳавӣ ва саводнокии рақамиро ба ҳам мепайвандад. Дар раванди кор бо он, омӯзгор имкони фарқгузорӣ ва шаклдиҳии фаъолиятро дар асоси сатҳи фаҳмиш ва тайёрии хонандагон пайдо мекунад, дар ҳоле ки худи хонандагон худро на танҳо истеъмолкунандагони иттилоот, балки ҳамчун таҳқиқгарон ва муаллифон эҳсос менамоянд.

### *4. Навъҳои кейс дар таълими таърих*

Кейсҳо дар дарсҳои таърих метавонанд ҳадаф ва шаклҳои гуногун дошта бошанд. Муҳим аст дарк кардан, ки кейс-стадӣ — ин як модели сахти «якнаво» нест, балки як воситаи тағирпазир аст, ки омӯзгор метавонад онро ба вазифаҳои мушаххаси дарс, синну соли хонандагон ва вақти дастрас мутобиқ созад.

Баъзан кейс барои «мушкилотро дидан», баъзан — вазъияти амалиро моделсозӣ кардан ва баъзан худро ҳамчун таҳқиқгари воқеӣ эҳсос кардан, ки бо ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои мухталиф кор мекунад кумак мекунад. Ҳатто кейси кӯтоҳ метавонад дарсро фаъол ва хонандагонро ба муҳокима ҷалб намояд ва кейси пурраи таҳқиқотӣ ба фаъолияти лоиҳавӣ табдил ёбад.

Дар поён навъҳои асосии кейс оварда шудаанд, ки метавон дар дарсҳои таърих истифода бурд.

#### I. Кейси мушкилотнок (проблемавӣ)

Вазифа гузошта мешавад, ки мушкилоти пинҳонро муайян кунанд: хонандагон худ саволро аз рӯйи далел ва манбаъҳо тартиб медиҳанд, на он ки онро дар шакли тайёр мегиранд.

***Мисол: Шӯриши Восеъ, соли 1929.***

Омӯзгор ба хонандагон маълумоти мухтасари таърихӣ (кай, дар куҷо ва чӣ гуна шӯриш оғоз ёфт) ва 2–3 манбаъ — порча аз хотироти иштирокчӣ, иттилоияи расмии ҳукумати шӯравӣ, порча аз китоб медиҳад. Дар худи матнҳо ҷавоби тайёр ба савол нест, балки нуқтаҳои назари гуногун оварда шудаанд.

**Вазифаи хонандагон:**

- манбаъҳоро бодиққат омӯзанд;
- ахбороти ба ҳам мухолифро дар тасвири рӯйдодҳо муайян кунанд;
- мушкилотро тартиб диҳанд.

Ҳамин тавр, хусусияти кейси мушкилотнок дар он аст, ки **саволи асосӣ мустақим гуфта намешавад,** балки дар раванди таҳлили далелҳо ва муқоисаи шоҳидон ба вуҷуд меояд. Омӯзгор бояд дар хотир дошта бошад, ки мушкилоти пинҳон дар кейс метавонад навъҳои гуногун дошта бошад. Масалан:

- **Сабабӣ-пайдарпай:** чаро шӯриши Восеъ дастгирии умумӣ наёфт?
- **Арзишгузорӣ:** чӣ гуна амалҳои шӯришгаронро арзёбӣ карданмумкин аст — ҳамчун мубориза барои адолат ё ҳамчун хато?
- **Алтернативӣ:** чӣ мешуд, агар шӯришро минтақаҳои дигар дастгирӣ мекарданд?

Арзиши кейси мушкилотнок дар он аст, ки хонандагони гуногун метавонанд мушкилоти гуногунро дар як мавод муайян кунанд ва маҳз ҳамин чиз тафаккури таърихӣ, баҳс ва гуногунандеширо рушд медиҳад.

#### II. Кейси амалӣ

Вазъияти мушаххасро тасвир мекунад, ки дар он хонандагон донишҳои таърихиро барои таҳлил ва интихоби стратегияҳои амал истифода карда, ҳамчун иштирокчиёни рӯйдодҳо баромад мекунанд.

***Мисол: Тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар соли 1924.***

Ба хонандагон вазъият пешниҳод мешавад: «Шумо — ҳайати намояндагони тоҷик дар музокироти соли 1924 оид ба тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ мебошад. Чӣ гуна манфиатҳои миллати худро ҳимоя мекунед?»

Дар мазмуни кейс метавон шомил кард: харитаи минтақа, порчаҳои ҳуҷҷатҳо, омори аҳолӣ, андешаҳои ҳамзамонон.

**Вариантҳои супоришҳои амалӣ:**

- таҳияи мавқеъ аз номи шахсияти таърихӣ ё гурӯҳ;
- таҳияи далелҳо барои музокирот, муҳокимаҳо ё қабули қарорҳо;
- пешниҳод кардани нақшаи амал (масалан, чӣ гуна манфиатҳои мардуми тоҷикро

бе муноқиша ҳимоя кардан);
- моделсозии роҳи алтернативӣ ва муҳокимаи оқибатҳои он.

Кейси амалӣ ба хонандагон таҷрибаи **«аз дарун» зиндагӣ кардани вазъияти таърихиро** медиҳад: онҳо ҳамчун иштирокчиён бароmад мекунанд, на ҳамчун мушоҳидагарон қарор қабул мекунанд. Ин ба рушди малакаи истифодаи дониш дар контексти амалӣ, кор бо харита, омор, ҳуҷҷатҳо ва ҳамзамон ташаккули малакаҳои далеловарӣ ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад.

## III. Кейси таҳқиқотӣ

Ин намуди кейс ба кори таърихнигор наздик аст. Ҳадафи он омӯзонидани хонандагон ба таҳлили манбаъҳо, муқоисаи ақидаҳо, муайян кардани ихтилофот ва тартиб додани хулосаҳои шахсӣ мебошад.

**Мисол:** Кейс дар бораи ҷадидҳо: хонандагон маълумоти таърихӣ (контекст) ва маҷмӯи манбаъҳоро мехонанд, мавқеъҳоро муқоиса карда хулосаҳо дар бораи нақши ислоҳотгарон тартиб медиҳанд.

**Навъҳои супоришҳои таҳқиқотӣ:**

- **муқоисаи манбаъҳо:** муайян кардани умумият ва фарқият дар мавқеъҳо (масалан, чӣ умумӣ ва чӣ фарқият дар рӯзномаи ҷадидҳо ва посухи муҳофизакорона дида мешавад);
- **тафсири далелҳо:** фаҳмондан, ки чаро муаллифони манбаъҳо як рӯйдодро ба таври гуногун тасвир мекунанд;
- **барқароркунии вазъият:** барқарор кардани ҷараёни рӯйдодҳо дар асоси ҳуҷҷатҳо (масалан, чӣ гуна яке аз мактабҳои аввалини ҷадидӣ кушода шуд);
- **хулоса ва ҷамъбаст:** тартиб додани андешаи шахсӣ дар бораи нақши ҷадидҳо бо такя ба манбаъҳо.

Кейси таҳқиқотӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки **мисли таърихнигорон кор кунанд:** манбаъҳоро таҳлил намоянд, маълумотро муқоиса карда хулосаҳо бароранд. Ин пурратарин шакли кейс-стадӣ аст, ки тафаккури таҳлилӣ ва саводнокии таърихиро рушд медиҳад.

## IV. Мини-кейс

Шакли кӯтоҳи кейс, ки 10–15 дақиқаи дарсро мегирад. Ҳадафи он — ба таври фаврӣ фаъол кардани диққати хонандагон ва истифодаи як манбаъ ё тасвири аён барои ворид шудан ба мавзуъ ё мустаҳкам кардани мавод мебошад.

***Мисол: Бомбаборонкунии Хиросима, соли 1945.***

Ба хонандагон акси шаҳри вайроншуда нишон дода мешавад ва як ҳуҷҷати кӯтоҳ – порча аз хотироти шоҳид пешниҳод мегардад. Омӯзгор саволро мустақим намегузорад, балки ба хонандагон пешниҳод мекунад, ки худ муайян кунанд, дар бораи чӣ сухан меравад ва мушкилот дар чист. Пас аз муҳокима метавон саволи дақиқтар гузошт:

- Кадом рӯйдодҳо ба ин фоҷиа оварда расониданд?
- Ин фоҷиа барои Ҷопон ва ҷаҳон чӣ оқибатҳо дошт?

**Навъҳои истифодаи мини-кейсҳо:**

- **ворид шудан ба мавзуъ:** нишон додани порчаи манбаъ ё тасвир ва дархости муайян кардани мушкилоти марбут ба мавзуи дарс;
- **мустаҳкам кардани мавод:** пешниҳод кардани матни кӯтоҳ, харита ва дархости фаҳмондани аҳамияти рӯйдод;
- **гармкунии баҳс:** додани порчаи таҳрикдиҳанда (масалан, рӯзнома бо танқиди ислоҳот) ва гузоштани савол: Оё шумо бо муаллиф розиед? Чаро?

- **вазифаи хонагӣ:** додани мини-кейс барои таҳлили мустақил ва дархости тартиб додани ҷавоби кӯтоҳи хаттӣ.

Ҷиҳати қавии мини-кейс дар он аст, ки он ба **таври фаврӣ** хонандагонро ба кор бо манбаъҳо ҷалб мекунад ва руҳияи таҳқиқотиро ташаккул медиҳад.

Ҷиҳати осонтар дидани фарқиятҳо байни навъҳои кейс ва имкониятҳои онҳо барои дарс, хосиятҳои асосиро дар ҷадвали муқоисавӣ ҷамъбаст мекунем. Он ҳадаф, сохтор ва чорчӯбаи тахминии вақтро барои ҳар як шакл нишон медиҳад.

**Ҷадвали 7. Навъҳои кейс дар таълими фанни таърих**

| Навъи кейс | Ҳадаф | Сохтори кейс | Вақти тахминӣ |
|---|---|---|---|
| ***Кейс бо мушкилот*** | Омӯзиши малакаи муайянсозии мушкилот дар асоси таҳлили далелҳо ва манбаъҳои таърихӣ | Маълумоти мухтасар + 2–3 манбаъ; хонандагон мушкилотро мустақилона тартиб медиҳанд | 20–25 дақиқа |
| ***Кейс амалӣ*** | Истифодаи дониш барои ҷустуҷӯйи роҳи ҳал ё стратегияи амал | Тасвири вазъият + нақшбозӣ, далеловарӣ, нақшаи амал | 30–40 дақиқа |
| ***Кейс таҳқиқотӣ*** | Рушди тафаккури таҳлилӣ ва саводнокии таърихӣ | Вазъиятҳо + маҷмӯи манбаъҳои гуногун; савол ва супоришҳо барои хулоса ва муқоиса | 1–2 дарс |
| ***Мини-кейс*** | Фаъол кардани диққат, ворид шудан ё мустаҳкам кардани мавзуъ | Як манбаъ ё тасвир + саволҳои кӯтоҳ | 10–15 дақиқа |

**Хулоса**

Навъҳои кейс дар ҳолати ҷудогона вуҷуд надоранд. Дар раванди коркард ва мутобиқсозӣ як маводди ягона метавонад аз кейси мушкилотдор ба кейси таҳқиқотӣ «табдил ёбад» ва супоришҳои алоҳида аз он метавонанд ҳамчун мини-кейс истифода шаванд. Кейси амалӣ, дар навбати худ, метавонад унсурҳои кейси мушкилотдор (тартиб додани гуногунақидагӣ) ва кейси таҳқиқотӣ (таҳлили манбаъҳо)-ро дар бар гирад, вале бо таваҷҷуҳ ба таҳияи стратегияи амал.

Ҳамин тавр, интихоби шакл на танҳо аз вақт ва сатҳи омодагии синф, балки аз он вобаста аст, ки омӯзгор кадом ҳадафро мегузорад: муайян кардани мушкилот, таҳлили манбаъҳо, тартиб додани мавқеъ ё ҷустуҷӯи роҳи амалии ҳал.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Кейс-стадӣ** — ин вазъияти воқеӣ ё ба воқеият наздик аст, ки мушкилот, маълумот ва зарурати қабули қарорро дар бар мегирад.
2. **Вазъияти таълимӣ ва кейс-стадӣ** унсурҳои монанд доранд, вале аз рӯйи шакл фарқ мекунанд: вазъияти таълимӣ бештар ба донишҳо таваҷҷуҳ мекунад, дар ҳоле ки кейс ба таҳлил, далеловарӣ ва интихоби мавқеъ нигаронида мешуд.
3. **Шаклҳои истифодаи кейс гуногунанд**: ҳамчун қисми дарс, ҳамчун супориши мустақил ё ҳамчун асоси кори лоиҳавӣ.
4. **Чандирии кейс** имкон медиҳад, ки онро мутобиқ ба сатҳи хонандагон ва ҳадафҳои дарс созанд: аз мини-кейс то силсилаи супоришҳои пайдарпай.
5. **Омезиши усулҳо таъсирро зиёд мекунад**: кейс метавонад бо баҳси нақшӣ, мини-лоиҳа, харитаи ақл ва дигар усулҳо пурра гардад.
6. **Арзиши таълимии кейсҳо** дар он аст, ки онҳо дониш, ҳамкорӣ ва мустақилиятро ба ҳам пайваста, муҳити рушди тафаккури таърихӣ ва салоҳиятҳои калидиро фароҳам меоранд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Чӣ чиз дар кейс-стадӣ супоришро «кушода» ва ба андешаронӣ водор месозад?
2. Шумо фарқияти кейс ва супориши маъмулӣ аз китоби дарсиро дар чӣ мебинед?
3. Дар кейс хонанда метавонад кадом нақшро ишғол кунад?
4. Пеш аз истифодаи кейс дар синф, омӯзгор бояд кадом чизҳоро бодиққат андеша кунад?
5. Кадом унсурҳои кейсро метавонед дар дарси навбатии худ истифода баред?
6. Дар кор бо кейс кадом мушкилиҳо ба миён омада метавонанд ва чӣ гуна онҳоро бартараф кардан мумкин аст?
7. Чӣ гуна кейс ба пайваст кардани дониш, ҳамкорӣ ва мустақилияти хонанда кумак мекунад?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳӣ 3.3

*Як ҷавоби дурустро қайд кунед*

**1. Кадом хусусият асоси кейс-стадӣ ба ҳисоб меравад?**

A. Ҷавоби дақиқ ва якмаъно ба саволи гузошташуда
B. Таҳлили вазъияти воқеӣ ва таҳияи мавқеи асоснок
C. Машқи хотира тавассути кор бо фактҳо
D. Санҷиши дараҷаи азхудкунии параграфи дарсӣ

**2. Ҳадафи асосии истифодаи кейс дар дарсҳои таърих чист?**

A. Шинос кардан бо факт ва мафҳумҳои асосии таърихӣ
B. Ба ёд супурдани пайдарпайии рӯйдод, сана ва номҳо
C. Актуализатсия кардани дониш, омӯзиши гурӯҳбандии маълумот
D. Ҷалб кардан ба баҳс, таҳлил ва арзёбии рӯйдодҳои таърихӣ

**3. Кадом унсур дар кейс ҳатмӣ нест?**

A. Статистика ва харитаҳо, ки ба давраи таърихӣ марбутанд
B. Манбаъҳои таърихӣ, маълумот, ҳуҷҷатҳо
C. Мушкилот ё дилемма бо роҳи ҳалли кушода
D. Контекст, ки ба давраи таърихӣ алоқаманд аст

**4. Кейс бо супориши классикии китоб дар чӣ фарқ мекунад?**

A. Хондани адабиёти иловагиро талаб мекунад
B. Дар дарс аз омӯзгор фикру мулоҳиза талаб намекунад
C. Хонандаро барои фаъолият водор мекунад
D. Ба шакли тест ва супоришҳо пешниҳод мешавад

**5. Дар кадом ҳолат истифодаи кейс-стадӣ мувофиқтар аст?**

A. Ҳангоми омӯзиши мафҳумҳои таърихӣ
B. Барои такрори рӯйдодҳои таърихӣ
C. Ҳангоми муҳокимаи проблемаҳои таърихӣ
D. Барои санҷиши кори хонагӣ

**6. Шаклҳои педагогиро бо хусусияти асосии онҳо пайваст кунед:**

| **Шакл** | **Хусусият** |
|---|---|
| А. Вазъияти таълимӣ | 1. Таҳлил ва тафсири рӯйдодҳои аллакай рухдода |
| Б. Кейс-стадӣ | 2. Иштирок дар интихоб, амал ва ҳал |
| Ҷавоби шумо: | А –; В – |

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАНИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**
**1. Таҳлили порчаи супориш ё кейс: чӣ кор мекунад, чӣ намерасад**
**2. Мутобиқсозии кейс ба сатҳи омодагии хонандагон**

## ДАРСИ АМАЛӢ: ТАРҲРЕЗИИ КЕЙС

**Кори амалии 1. Кейс аст ё кейс нест?**

**Ҳадаф:** Омӯхтани фарқгузории кейс-стадӣ аз дигар супоришҳои таълимӣ
**Шакл:** Корҳои дунафара

**Марҳилаҳои иҷро:**

1. Супоришҳоро хонед.
2. Муайян кунед: кадоме аз онҳо ба шакли кейс-стадӣ наздиктар аст, кадоме ба вазъияти таълимӣ ва кадоме супоришҳои маъмулӣ мебошанд. Интихоби худро асоснок кунед.

**Мисолҳо:**

1. Хонандагон дар харитаи Рими Қадим ҳудудҳои забткардашударо дар асрҳои III–II то милод қайд мекунанд.
2. Ба хонандагон пешниҳод мешавад, ки моделсозӣ кунанд: агар мактабҳои ҷадидӣ аз ҷониби амир баста намешуданд, зиндагии аҳолии Бухоро чӣ гуна тағйир меёфт.
3. Лозим аст муайян кард, кадом ҳоким ислоҳотро самараноктар гузаронидааст: Пётр I ё Амонуллоҳхон (ҷадвали ислоҳот дода шудааст).
4. Параграфи китобро дар бораи Инқилоби Фаронса хонда ва ба 3 савол дар охири матн ҷавоб диҳед.

**Кори амалии 2. Нишонгузории кейс**

**Ҳадаф:** Омӯхтани тарзи дарккунии сохтори кейс-стадӣ
**Шакл:** Кор дар гурӯҳҳо

**Марҳилаҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Кейсро хонед – «Созишномаи сулҳи Версал»
**Қадами 2.** Муайян кунед, ки кадом унсурҳои кейс дар он мавҷуданд ва кадомашон намерасанд
**Қадами 3.** Бо истифода аз қолаби пешниҳодшуда, кейсро нишонагузорӣ кунед.

**Созишномаи сулҳи Версал**

Моҳи январи соли 1919 дар шаҳри Порис конфронси сулҳ барои муайян кардани сохтори Аврупо пас аз Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ баргузор шуд. Дар ин раванд намояндагони 27 кишвар ширкат доштанд, вале қарорҳои асосиро сарони «сегонаи

бузург» - Ҷорҷ Клемансо (Фаронса), Дэвид Ллойд Ҷорҷ (Британияи Кабир) ва Вудро Вилсон (ИМА) қабул намуданд. Ҳар як қудрат манфиатҳои худро дошт, ки дарҳол фазои зиддиятро ба вуҷуд овард.

**Фаронса** барои Олмон ҷазои сахтро талаб кард: товони зарар, кам кардани иқтидори низомӣ ва баргардондани Алзас ва Лотарингия. Клемансо Германияи заифшудаdo гарави амнияти Фаронса медонист.

**Англия** ба нигох доштани таносуби қуввахо манфиатдор буд. Аз як тараф, Лондон ҷубронпулиро дастгирӣ мекард, аммо аз тарафи дигар аз тарси болоравии Фаронса ва Русияи болшевикӣ пошхӯрии пурраи Олмонро намехост.

**Иёлоти Муттаҳида** «14 нуктаи Вилсон»-ро ҷонибдорӣ кард, ки идеяи худмуайянкунии халқҳо ва таъсиси Лигаи Миллатҳоро дар бар мегирад. Тарафи Америка ба «сулҳи одилона бидуни аннексия ва ҷубронпулӣ» исрор мекард, вале ба муқобилияти иттифоқчиёни аврупоии худ дучор омад.

**Олмон** масъулияти худро барои ҷанг эътироф кард. «Моддаи 231» - «банди гунаҳкорӣ». Вай 13 фисади ҳудуди худ ва тамоми мустамликаҳои хориҷии худро дод. Ғайр аз ин, Олмон вазифадор шуд, ки ба иттифоқчиёни худ (Фронса, Белгия ва Британияи Кабир) 132 миллиард маркаи тилло диҳад. Аз ин маблағ 50 миллиардаш ҳатман бо тилло, маҳсулот, ангишт ва киштиҳо бояд пардохт шавад. Имзои шартнома боиси эътирози оммавӣ гардид, аммо Олмон, ки пас аз ҷанг дар муҳосира монда шуда буд, илоҷе надошт.

**Намунаи тарҳбандии кейс**

| Унсур | Шарҳ нисбат ба кейси «Созишномаи сулҳи Версал» |
|---|---|
| **Номгузорӣ**<br>кутох, хотирмон, моҳияти мавзуъро фаро мегирад | |
| **Контекст**<br>вазъияти воқеии таърихӣ: замон, макон, шахсони амалкунанда; чаҳорчӯбаи дарки мушкилотро муқаррар мекунад | |
| **Мушкилот**<br>бархӯрди асосии манфиатҳо ё интихоби душвор, ки ҳалли дақиқ надорад ва таҳлилро тақозо мекунад | |
| **Манбаъҳо ва маълумот**<br>ҳуҷҷатҳо, матнҳо, тасвирҳо, хотираҳо, далелҳо, ки хонанда ҳангоми таҳлил ба онҳо такя мекунад | |
| **Савол ва супоришҳо**<br>таваҷҷуҳи мустақим ва ба фаъолият табдил додани кейс: таҳлили манбаъҳо, баҳодиҳии мавқеъҳо, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳал, мавқеи асосноки худ. | |

## Кори амалии 3. Тарҳрезии кейс

**Ҳадаф:** Омӯхтани сохтани кейс-стадӣ дар асоси маълумоти таърихӣ
**Шакл:** Кори дунафарӣ ё гурӯҳӣ

Марҳилаҳои иҷро:

**Қадами 1.** Маълумоти таълимиро хонда, ба саволҳо ҷавоб диҳед:

- Оё ин маълумот барои кейси таълимӣ кофист?
- Кадом манбаъҳо/ҳуҷҷатҳоро бояд илова кард?
- Кадом саволҳои калидиро метавон ба хонандагон пешниҳод кард?

**Қадами 2.** Бо истифода аз қолаб, пешнамунаи кейсро таҳия кунед.
**Қадами 3.** Бо истифода аз саволҳо фаъолияти инъикосӣ гузаронед.

### Маълумоти таълимӣ

Моҳи июли соли 1929 дар водии Ҳисор шӯриши мусаллаҳонае ба амал омад, ки таҳти роҳбарии Файзалӣ Махсум — шахсияти мазҳабӣ ва иҷтимоии маҳаллӣ сурат гирифт. Сабабҳои шӯриш иборат буданд аз коллективизатсияи маҷбурӣ, ҷорӣ шудани андозҳои нав, маҳдуд кардани озодии динӣ ва фишор ба тарзи анъанавии зиндагии аҳолии деҳот. Ин тадбирҳо норозигии васеъро ба миён оварданд, бахусус миёни деҳқонон ва руҳониён, ки боиси паҳншавии босуръати шӯриш ба ноҳияҳои ҳамсоя гардид. Шӯришиён якчанд маркази ноҳияро ишғол карданд ва шиорҳои онҳо аз ҳимояи дин, замин ва адолат шаҳодат медоданд. Ба ҳаракат ҳазорҳо сокинони маҳаллӣ, аз ҷумла муллоҳо, деҳқонон ва ашрофи маҳаллӣ пайвастанд. Ҳокимияти шӯравӣ шӯришиёнро «басмач» эълон карда, бар зидди онҳо қисмҳои мунтазами Артиши Сурхро равона намуд. Дар муддати чанд ҳафта шӯриш бо шиддат саркӯб карда шуд, бисёре аз иштирокчиён боздошт ва қисмате аз онҳо эъдом гардиданд. Дар таърихнигорӣ то ҳол баҳсҳо идома доранд: оё ин шӯриш ҳамчун эътирози стихиявии деҳқонон бар зидди ислоҳоти мушаххас арзёбӣ шавад, ё ҳамчун ҷузъи ҳаракати зиддишӯравии ташкилёфта, ки бо басмачиён иртибот дошт.

### Қолаб барои тарҳрезии кейс

| Унсур | Саволҳо барои омӯзгор | Варианти шумо |
|---|---|---|
| **Мавзуъ, синф** | Дар кадом мавзуи барномаи таълимӣ ин кейс метавонад истифода шавад? Барои кадом синф? | |
| **Навъи кейс** | Шумо мехоҳед кейсро бо кадом навъ таҳия кунед: мушкилотӣ, амалӣ ё таҳқиқотӣ? | |
| **Номгузорӣ** | Чӣ ном (кӯтоҳ, ҷолиб, ба мавзуъ алоқаманд) ба ин кейс медиҳед? | |

| | | |
|---|---|---|
| **Контекст** | Кадом маълумоти иловагиро метавон ба кейс илова кард, то заминаи таърихиро васеътар кунад? | Маълумоти тахминӣ: |
| **Унсур** | Саволҳо барои омӯзгор | Ҷавоби шумо |
| **Манбаъҳо** | Кадом далелҳо, ҳуҷҷатҳо, иқтибосҳо, ёддоштҳо ва аксҳо ба кушодани мушкилот кумак мекунанд? | Маълумоти тахминӣ |
| **Саволҳо ва супоришҳо** | – Кадом зиддият ва **саволҳо** барои муҳокима калидӣ мебошанд?<br>Кадом саволҳоро метавон ба хонандагон барои таҳлил ва муҳокима пешниҳод кард?<br>– Кадом **супориш ва шаклҳои корро** метавон ба кейс ворид кард?<br>Кадом супоришҳои таълимӣ истифода мешаванд (бахс, ҷадвал, эссе ва ғ.) | Саволҳои тахминӣ:<br>Супоришҳои тахминӣ: |
| **Арзиши кейс барои хонанда** | Маъно ва аҳамияти ин кейс барои хонандагон дар чӣ зоҳир мешавад? Кадом салоҳиятҳо ташаккул меёбанд? | **Арзиш ва салоҳиятҳо** |

**Саволҳои барои робитаи мутақобила**

1. Кадом ҷузъи таҳияи кейс душвортар буд: тартиб додани проблема, интихоб кардани маълумот ё таҳияи супоришҳо барои кейс? Чаро?
2. Оё муваффақ шудед, ки пайванди кейс бо мавзуи таълимӣ ва донишҳои асосӣ нигоҳ дошта шавад? Ин дар чӣ зоҳир ёфт?
3. То кадом андоза кейс гуногунвариант баромад? Оё дар он фазо барои таҳлил, интихоб ва далеловарӣ мавҷуд аст?
4. Ба назари шумо барои ҷалби хонандагон ба муҳокима кадом унсурҳои кейс махсусан муҳиманд?
5. Дар кӯшиши навбатии таҳияи кейс чӣ чизро тағйир медиҳед? Кадом идеяҳоро мехоҳед амалӣ намоед?

## Адабиёти истифодашуда


1. **Вербицкий А. А.** *Контекстное обучение: теория и практика* — М., 2011.
 Методологическая основа для построения учебных ситуаций.
https://www.elibrary.ru/item.asp?id=19081453

2. **Занков Л. В.** *Психология обучения. Условия формирования учебной деятельности* — М.: Просвещение, 2005.
 Важный теоретический ресурс о развитии учебной инициативы.

3. **Лебедев О. Е.** *Компетентностный подход в образовании: проблемы и перспективы* — М.: Академия, 2004.
 Включает модели конструирования образовательных ситуаций.
https://elibrary.ru/item.asp?id=20378997

4. **Поташник М. М.** *Урок как педагогическая система: проектирование и анализ* — М.: Педагогика, 2007.
 Практика анализа урока как ситуации компетентностного развития.

5. **Селевко Г. К.** *Современные образовательные технологии* — М.: Народное образование, 2017.
 Базовое пособие по проектированию, включает описание активных методов и подходов.
https://www.elibrary.ru/item.asp?id=32211265

**Дастурҳои методӣ ва амалӣ:**

6. **Каспрmálжин В. А.** *Метод учебных ситуаций: конструирование, реализация, анализ* — СПб., 2018.
 Сборник примеров учебных ситуаций, включая исторические темы.

7. **Методические рекомендации по проектированию учебных ситуаций** (Минобрнауки РФ, 2020)
 PDF-документ, доступен на сайте ИСО (Институт стратегии образования).
https://fgosreestr.ru — ищите по ключевым словам "учебные ситуации"

8. **Проектные задания на уроках истории** (под ред. Е. С. Соловьёва) — М., 2021.
 Практикум с кейсами и сенариями.

**Мақолаҳои аз рӯзномаҳо ва захираҳо:**

9. **Ковалева Г. С.** *Компетентностный подход и учебные ситуации* // Вестник образования, №6, 2020.
 Описаны типы учебных ситуаций и их цели.

10. **Проект PISA и историческое мышление: от заданий к компетенциям** // Образовательный портал PISA
 https://pisa.testcenter.ru

11. **Смирнова Н. А.** *Как спроектировать урок для развития 4К?* // Журнал «История в школе», 2021.
 Конкретные методические ходы и задачи.

**Сарчашмаҳои байналмилалӣ:**

12. **OECD Learning Compass 2030** — Framework for Future Education
 https://www.oecd.org/education/2030-project/

13. **Historical Thinking Project (Canada)**
 Платформа с моделями учебных ситуаций по истории.
https://historicalthinking.ca

14. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, дастрас аз: https://takmili-ihtisos.tj/?page_id=1309.
15. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.
16. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон.